آواز тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

9 ноябри соли 2024 Шанбе № 90 (15101)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

АНҶУМАНИ БАЙНАЛХАЛҚИИ РОҲИОҲАНЧИЁНИ ҶАВОН ИШТИРОКДОРОНРО БАРОИ МАҚСАДИ ЯГОНА МУТТАҲИД НАМУД

Дар Тошканд бори аввал Анҷумани байналхалқии роҳиоҳанчиёни ҷавон баргузор шуд. Дар он ҷавонон аз Ӯзбекистон, Русия, Белорус, Қазоқистон ва Қирғизистон иштирок намуданд.

Шоистаи таъкид аст, ки анҷуман, ки дар доираи ҷамъомади 81-уми Шӯрои оид ба нақлиёти роҳи оҳани давлатҳои иштирокдори Иттиҳод ва 30-солагии таъсиси ҶС «Ӯзбекистон темир йӯллари» ташкил гардида буд, ба вуқӯъ пайваст.

Нотиқон аҳамияти анҷумани мазкурро барои насли ҷавони мутахассисон, ки дар соҳаи роҳи оҳан кор мекунанд, таъкид намуданд. Чорабинӣ онҳоро ба гуфтугӯи тарафайн, табодули таҷриба ва боз намудани имконоти навин дар соҳа ҳидоят намуд.

Бинобар фикри иштирокдорон, роҳиоҳанчиёни ҷавон қувваи асосии соҳа ба шумор рафта, имрӯз дар рушди низоми нақлиёт бо истифода аз технологияи пешқадам дар бисёр самтҳо саҳми муносиб мегузоранд. Аз он ҷумла, лоиҳаҳоеро татбиқ менамоянд, ки ба баланд бардоштани самаранокии боркашонӣ ва мусофиркашонӣ, таъмини бехатарӣ ва сарфасозии энергия нигаронда шуда, дар такомули инфрасохтори роҳи оҳан, татбиқи системаи замонавии сигнализатсия ва алоқа ва ҳамчунин ҷараёнҳои рақамисозӣ фаъол иштирок менамоянд.

Ҳамзамон ба баланд бардоштани малака ва дониши онҳо эътибори алоҳида нигаронда мешавад – машқҳои махсус, курсҳои таълимӣ ва сабақомӯзии байналхалқӣ ташкил мегарданд. Дар анҷуману ҷамъомадҳои мухталиф иштирок намуда, мутахассисони ҷавон имконоти омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои гуногунро соҳиб мегарданд ва навгониҳои инноватсиониро дар Ватан татбиқ намуда, ба рушди минбаъдаи соҳа, таъмини суботнокии экологӣ ва боло бурдани самаранокии иқтисодии низоми нақлиёт мусоидат менамоянд.

Дар чаҳорчӯбаи анҷуман иштирокдорон аз музейи Донишгоҳи давлатии нақлиёти Тошканд боздид намуданд. Онҳо инчунин муфассал бо имконоти поезди «Афросиёб», корҳо оид ба муносиб рағбатнок намудани мутахассисони ҷавон, ки ҶС «Ӯзбекистон темир йӯллари» ба амал татбиқ менамояд, шинос гардиданд. Пас аз он ба шаҳрҳои Тошканд ва Самарқанд экскурсия ташкил карда шуд.

Насиба ЗИЁДУЛЛОЕВА, хабарнигори ӮзА.

Стандартҳои байналмилалии Гурӯҳи таҳияи чораҳои молиявии мубориза бо рабудани пул (ФАТФ) ба қонунгузории миллӣ ва амалияи истифодаи ҳуқуқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон самаранок татбиқ карда мешаванд.

АНДОЗАҲОИ ФАТФ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ МИЛЛӢ ВАСЕЪ ТАТБИҚ МЕШАВАНД

Дар солҳои 2020-2022 низоми миллии кишвари мо дар ин самт аз тартиби арзёбии мутақобилаи Гурӯҳи Авруосиё бомуваффақият гузашт.

Дар ин бора дар мулоқоти директори Агентии мубориза бо коррупсия Акмал Бурхонов бо котиби иҷроияи Гурӯҳи Авруосиё оид ба мубориза бо қонунигардонии даромади ҷиноӣ ва маблағгузории терроризм Сергей Тетеруков таъкид шуд.

Дар робита ба ин, тибқи қарори ҷаласаи 40-уми умумии Гурӯҳи Авруосиё муовини аввали директори Агентии мубориза бо коррупсия Дилшод Раҳимов бо медали «Барои саҳм дар фаъолият ва рушди Гурӯҳи Авруосиё» мукофотонида шуд.

Дар ҷамъбасти вохӯрӣ оид ба рушди минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобила дар соҳаи татбиқи самараноки стандартҳои байналмилалии ФАТФ ба қонунгузории миллӣ тавофуқ ҳосил шуд.

Норгул АБДУРАИМОВА, мухбири ӮзА.

Қонун ва иҷро

ВАЗЪИЯТ БОБАТИ ТАЪМИНИ ҲУҚУҚ ВА МАНФИАТҲОИ ҚОНУНИИ КӮДАКОН ДАР ӮЗБЕКИСТОН ЧӢ ГУНА АСТ?

29 феврали соли ҷорӣ Қонун «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдаки Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон (Омбудсмани кӯдакон) қабул гардид.

Вазифаҳо бобати ҳимояи ҳуқуқи кӯдакон аз рӯи қонун аз чиҳо иборатанд? Парлумони нав метавонад дар таъмини ҳуқуқи кӯдакон навгониҳо ворид кунад? Дар робита ба ҳамин масъалаҳо бо **Ваколатдори Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба ҳуқуқи кӯдак (Омбудсмани кӯдакон) Сурайё РАҲМОНОВА**, ҳамсуҳбат шудем.

– Пеш аз ҳама, дар Қонуни Асосии мо кафолати фароҳам овардани шароити беҳтарин барои инкишофи ҳаматарафаи ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва маънавии кӯдак таҳким ёфта, ӯҳдадориҳои иҷтимоии давлат дар ин бобат васеъ гардид, – мегӯяд С.Раҳмонова. – Ҳамчунин, ӯҳдадории падару модар дар назди фарзандон номбар гардида, таъкид карда шуд, ки давлат ва ҷомеа ғамхории кӯдакони бепарастору ятимро ба зимма мегирад. Қатъӣ мустаҳкам карда шуд, ки модару кӯдак таҳти ҳимояи давлат мебошанд.

Махсусан, дар натиҷаи муносибатҳои нави конститутсионӣ солҳои охир дар мамлакати мо ҳуқуққои бачагон боэътимод ҳифз карда мешаванд. Дар соҳа равишу усулҳои нав ҷорӣ карда шуданд. Барои таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак заминаи махсуси ҳуқуқӣ фароҳам оварда, механизми самараноки ҳуқуқии татбиқи он ба роҳ монда шуд.

Аз ҷумла, дастовардҳои назаррас, аз қабили коҳиши фавти кӯдакони навзод, фарогирии муассисаҳои томактабӣ то 76 фоиз, ки қариб 2 миллион кӯдакро фаро гирифтааст, ва муҳимтар аз ҳама, дар мамлакати мо пурра барҳам додани меҳнати кӯдаконро қайд кардан лозим аст. Ин натиҷаҳо на танҳо дар сатҳи ҷумҳурӣ, балки дар сатҳи ҷаҳонӣ низ ба таври васеъ эътироф мешаванд.

Аз ҷумла, Ӯзбекистон дар соли 2017 дар шохиси ҷаҳонии некуаҳволии кӯдакон дар ҷои 78-ум қарор дошт ва дар соли 2021 16 зина боло рафт. Ин, албатта, натиҷаи амалии кори дар соҳа ба ҷо овардашуда мебошад.

– Оё парлумони нав нав метавонад дар масъалаи таъмини ҳуқуқи кӯдакон навоварӣ ворид кунад?

– Имрӯз дар қонунгузории миллии мо зиёда аз 40 ҳуҷҷати меъёрии ҳуқуқӣ ва зиёда аз 500 ҳуҷҷати зерқонунии вобаста ба ҳуқуқи кӯдак мавҷуд аст. Мо итминон дорем, ки парлумони нав ин таҷрибаи мусбати қонунгузориро фаъолона идома хоҳад дод.

Зеро ҳифзи манфиати кӯдакон ҳоло ҳамчун яке аз муҳимтарин вазифаҳои сиёсати давлатӣ муқаррар гардида, ин роҳи қатъӣ аз ҷониби ҳамаи зинаҳои ҳокимияти давлатӣ фаъолона пеш гирифта мешавад. Дар ин бобат ҳам парлумон, ҳам ҳокимияти иҷроия ва ҳам ҳокимияти судӣ дар доираи вазифаҳои худ корҳои муҳимро ба ҷо меоранд.

Дар баробари ин сиёсати имрӯзаи давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон тақозо менамояд, ки бисёр масъалаҳои муҳим ва таъхирнопазири соҳа ҳал карда шаванд. Бешубҳа, парлумони тоза даъватшуда низ дар раванди таҳрири қонун ба ҳалли ин масъалаҳо машғул мешавад.

– Соли ҷорӣ Қонун «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдаки Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон (Омбудсмани кӯдакон) қабул гардид. Ваколатҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар доираи қонун чӣ гуна тақвият дода шуданд?

– Ислоҳоти институтсионалии омбудсмани кӯдакон ва таҳкими мақоми парламент ҳамчун институти мустақили сиёсӣ аҳамияти калони муҳим дорад.

Албатта, вазифаи аввалиндараҷаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак аз назорати самараноки иҷрои қонунгузории марбут ба манфиатҳои кӯдакон – амалӣ намудани назорати парлумонӣ иборат аст. Мақсади асосӣ аз он иборат аст, ки шахсони мансабдор, ташкилоту муассисаҳо бар хилофи манфиати бачагон амал накунанд.

Дар доираи татбиқи самараноки ин вазифа тибқи қонун вазифаҳои асосии Ваколатдор оид ба кӯдакон муайян карда шуданд.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

ВОҲӮРИИ СЕ АВЛОД ДАР ГАЗЛӢ

Дар маҳаллаҳои Байналмилал ва Газлии шаҳраки Газлии ноҳияи Рометани вилояти Бухоро ҳоло дар бештар аз 1 ҳазору 300 хонадон зиёда аз 6 ҳазору 600 нафар қавму миллатҳои гуногун, аз ҷумла ӯзбекону тоҷикон, қазоқону русҳо ва ғайра умр басар мебаранд.

Ҷамоати шаҳрвандони Қизилравоти назди соҳили Амударё бештар аз 500 нафар аҳолӣ дорад.

Дар мактаби таҳсилоти умумии рақами 36-уми Газлӣ байни намояндагони миллатҳои маҳаллии маҳаллаҳои Байналмилал, Газлӣ ва Қизилравот вохӯрии се авлод сурат гирифт.

Дар он собиқадорони меҳнат, соҳибони касбу кори гуногун дар атрофи дастархони пурфайз ҷамъ омаданд. Наврасон – талабагони мактаб урфу одат, анъана, бозиҳои миллӣ ва либосҳои халқҳоро намоиш доданд.

Дар давоми чорабинӣ баромадҳои идонаи милалатҳо, барномаҳои консертии онҳо, савту сурудҳои дилнишин ба иштироккунандагон завқи маънавӣ бахшид. «Мулоқоти се авлод» чун рамзи шукронагии қавмҳо дар оилаи ягона ба ҳозирон писанд омад.

А. АВЕЗОВ, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.



Дар шаҳри Қаршӣ ба мақсади бештар бо шуғл фаро гирифтани занону духтарон дар фабрикаи дӯзандагии «Осмон гули» чорабинӣ баргузор шуд. Дар чорабинӣ 75 нафар занони бекор ширкат ҷуста, бо шароити меҳнат ва ҷараёни кори корхона шинос шуданд.

Ин буд, ки 52 нафар занон бо шуғли доимӣ фаро гирифта шуданд. Чунин чорабиниҳо дар ҷалби занон ба касбу ҳунар ва дарёфти ҷойи кори доимӣ нақши муҳим доранд.

***Дар акс:** дар фабрикаи мазкур.*

БУНЁДИ КОРХОНАИ НАВ ОҒОЗ ЁФТ

Ҳар як сафари кории Президенти кишвар Шавкат Мирзиёев ба вилоятҳо боиси авҷи бунёдкориву созандагии мардум мегардад. Сафари навбатии Президент ба вилояти Навоӣ пурсамар буд. Дар вилоят корҳои созандагиву бунёдкорӣ авҷ гирифта, мардум бо рӯҳбаландӣ омодаи кор мебошанд.

Дар шаҳри навбунёди Фозғон бунёди корхонаи «The stone hub», ки ба истеҳсол ва коркарди санги хоро тахассусонида шудааст, оғоз ёфт. Барои бунёди ин корхона 25 миллион доллари ИМА ҷалб карда шудааст. Корхонаи мазкур дар майдони 2,2 гектар бунёд меёбад.

Корхона дар давоми солҳои 2025-2026 бунёд гардида, 70 нафар бо шуғли доимӣ таъмин мегардад. Тибқи лоиҳа корхона соле ба миқдори 1,5 миллион доллар маҳсулоти санги хороро содир менамояд.

Ӯзбакбойи РАҲМОН, хабарнигори «Овози тоҷик».

Вилояти НАВОӢ.

ДАР РОҲИ ТАЪМИНИ МУНТАЗАМИ ГАЗИ ТАБИӢ

Ба мақсади пешгирӣ кардани сӯхтору офатҳо дар мавсими тирамоҳу зимистон дар мамлакатамон чорабиниҳо андешида мешавад. Бо назардошти он ташкилоту идораҳои ба гази табиӣ иртиботдоштаи ҷумҳурӣ фаъолияти худро пеш мебаранд.

Дар урфият мегӯянд, ки умратро фурӯшу рӯшноӣ хар. Дар замони мо зиндагиро бидуни неруи барқу гази табиӣ тасаввур кардан душвор аст.

Дар Агентии иттилоот ва коммуникатсияи оммавӣ бо ташаббуси Вазорати ҳолатҳои фавқулода бахшида ба чорабиниҳое, ки мавзӯи пешгирӣ кардани заҳролудшавӣ аз оксиди карбон ва дурахши омехтаи газу ҳаворо дар бар мегирад, нишасти матбуотӣ баргузор гардид.

Дар шароити имрӯз газ яке аз навъҳои муҳими сӯзишворӣ буда, барои таъмини маишати аҳолӣ чун барқ аҳамияти ҷудогона дорад. Бо фаро расидани сардӣ эҳтиёҷ ба он афзоиш меёбад. Аз он баробари аҳолӣ тамоми корхонаву ташкилотҳо самаранок истифода мебаранд.

Ба таври мунтазам бо гази табиӣ таъмин кардани аҳолӣ кори хеле масъулиятнок буда, саъю кӯшиши пайгиронаи кормандони соҳаро талаб мекунад.

Дар чорабинӣ муовини роҳбари хидмати ахбори вазорат Самандар Ҳикматуллоев таъкид кард, ки бо мақсади омодагӣ ба мавсим ва баланд бардоштани савияи низоми тақсимоти гази ҷумҳурӣ татбиқи чорабиниҳои техникӣ, мисли таъмири пурраи 112,6 км ва тачдиди беш аз 139 км лӯлаи газ, аз тафтиши техникӣ гузарондани беш аз 75 ҳазор нуқтаи газтақсимкунӣ ва таъмири 125-тои он пешбинӣ шудааст.

Корманди масъули «Ҳудудгаз пойтахт» Хайрулло Ваҳҳобов таъкид кард, ки дар натиҷаи амалисозии чорабиниҳои техникӣ барои омодагӣ ба мавсими зимистон таъмини гази беш аз 217 ҳазор хонадон хуб хоҳад шуд. Ба ин хотир вазорат бобати пешгирӣ ва бетараф гузарондани рӯзҳои сарди тирамоҳу зимистон иборат аз 825 нафар гурӯҳи корӣ созмон дод.

Дар асоси нақша рӯзҳои аввали тирамоҳ гурӯҳи корӣ ва ходимони бехатарӣ аз сӯхтор бо мутасаддиёни маҳаллаҳо бояд дар зиёда аз 3443 ҳазор хонадони биноҳои баландошёна, 7360 ҳазор хонадони маҳалла ҳолати асбобу ускунаҳои газ, дегхонаҳои гармдиҳӣ ва дудбароҳоро аз назар гузаронданд.

Тибқи «Барномаи минбаъд такмил додани рушди истиқболноки низоми таъмини гази ҷумҳурӣ дар давоми солҳои 2024-2025» ва бо мақсади зуд бартараф кардани ҳолатҳои садама дар лӯлаҳои газ ва иншооти он, барои корхонаҳои таъминоти гази ҳудудӣ 14 экскаватор, ҳамчунин, баҳри баланд бардоштани хидмати диспетчерии садама 150 «Дамас» харид гардид.

Дар баробари ин, нуқтаҳои фурӯши балони газ зиёд карда шуд.

Дар баробари рушди илму техника истифода аз газ низ меафзояд. Аммо пешгӯиҳои олимон бинобар ба охир расидани гази табиӣ нигаронкунанда аст. Дар мамлакат захираҳои гази табиии фаровон дорем, ки барои пешрафти иқтисодиёти мамлакат ва ҳаёти маишии аҳолӣ мусоидат мекунад. Танҳо ходимони соҳаро лозим меояд, ки аз он оқилона истифода баранд, бидуни дӯлобкорӣ ба манзили зисти аҳолӣ расонанд.

Далер АЗИЗОВ, хабарнигори «Овози тоҷик».

БА РӮЗНОМАИ «ОВОЗИ ТОҶИК» ОБУНА ШАВЕД!

Обуна ба рӯзномаи «Овози тоҷик» барои соли 2025 идома дорад.

Индекси обуна 170

Агар хоҳед, ки:

— дар соли 2025 аз навигариҳои соҳаҳои гуногун огоҳ бошед;

— фармон, қарор, фармоиш, барнома ва аснодии гуногунро сари вақт дастрас намоед ва бо мазмуну моҳияти ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ошно гардед;

— аз таҷрибаи судманди намояндагони пешқадами соҳаҳо огоҳ шавед;

— таҷриба, андеша ва дархости худро пешниҳод карда тавонед;

— аз эҷоди бадеии аҳли адабу фарҳанг ва ҳампешагон бохабар бошед;

— ҷолибтарин матолибу мақолаҳоро оид ба муҳимтарин масоили рӯз мутолиа кунед;

— сатҳи дониш, маҳорат ва малакаи худро пайваста такмил диҳед;



ПАС, БА РӮЗНОМАИ ДӮСТДОШТАИ ХУД – «ОВОЗИ ТОҶИК» ОБУНА ШАВЕД.

Телефон барои муроҷиат: +998 55 5200336.

11 ноябр – Рӯзи иттифоқҳои касаба

ФАЪОЛИЯТИ ҲАМОҲАНГИ ЗАМОНИ ИТТИФОҚҲОИ КАСАБА

Дар натиҷаи амалӣ намудани ислоҳоти пайваста дар ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла фаъолияти иттифоқҳои касаба дар мамлакатамон натиҷаҳои назаррас ба даст оварда мешаванд.

Маълум аст, ки байни ҳокимияти вилояти Самарқанд, Шӯрои вилоятии Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон ва Палатаи савдову саноат барои солҳои 2003-2005 созиши минтақавии ҷамоавӣ ба имзо расида буд.

Ин бо мақсади ҳифзи таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ходимон ва кордиҳандагон, пурзӯр кардани ҳамкории босамар барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, пос доштани барқарорӣ дар ҷомеа бо роҳандозӣ намудани тамоюлҳои шарикии иҷтимоӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳамин тавр иттифоқҳои касаба фаъолияти худро ҳамоҳанги ҷараёнҳои иҷтимоӣ-иқтисодие, ки дар мамлакатамон роҳандозӣ карда мешаванд, пеш мебарад.

Аз ин рӯ, дар сохтори иттифоқҳои касаба зери шиори «Саросари Ӯзбекистон саёҳат кунед!», ки ба инкишофи сайёҳӣ нигаронида шудааст, ба воситаи дохил намудан ба шартномаҳои ҷамоавӣ ва созишҳои соҳавӣ аз 19590 нафар ходимон ва аъзои оилаи онҳо, ки роҳхат гирифтаанд, сафари 13939 нафар дар қадамҷойҳои сазовори диққати минтақаи худ ва 5651 нафар дар шаҳрҳои таърихӣ ташкил карда шуданд.

Бо мақсади сермазмун гузарондани вақти холии ходимон, ғизои маънавӣ гирифтан ва бо маданияту мероси ғании таърихиамон аз наздик шинос шудан иштироки 3505 нафар коргару ходимони корхона, ташкилот ва муассисаҳои сохтори соҳавии иттифоқҳои касаба дар барномаҳои консертӣ, 10789 нафар намоишҳои театрӣ ва 1201 нафар ба тамошои музейҳо ташкил карда шуданд.

Баробари ин Шӯрои вилоятии Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон соли ҷорӣ дар сиҳатгоҳҳои сохтори иттифоқҳои касаба истироҳат ва барқарор кардани саломатии 6 ҳазор нафар коргару ходимон ва аъзои оилаи онҳоро ба нақша гирифта буд. Алҳол дар 10 моҳи соли равон 4 ҳазору 780 нафар коргарону ходимон ва аъзои оилаи онҳо аз чунин имконият истифода бурдаанд.

217-то роҳҳати санаторияҳо ба собиқадорони ҷанг ва меҳнат, ҷанговарони байналмилал, «чернобилчиён», вакилони оилаҳои ҷавони фарзанталаб, ки дар ҳудудҳои дурдаст зиндагӣ мекунанд ва аъзои оилаҳои ба ҳимояи иҷтимоӣ мӯҳтоҷ, ки кор мекунанд, бемузд дода шуданд.

То анҷоми сол боз ба 1 ҳазору 220 нафар коргарону ходимон ва аъзои оилаи онҳо додани роҳхат ба санаторияҳо пешбинӣ шудааст.

Сӯҳроб РАФИҚОВ,
раиси Шӯрои вилояти Самарқанди Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон.

ВАЗЪИЯТ БОБАТИ ТАЪМИНИ ҲУҚУҚ ВА МАНФИАТҲОИ ҚОНУНИИ КӮДАКОН ДАР ЎЗБЕКИСТОН ЧӢ ГУНА АСТ?

(Аввалаш дар саҳ. 1).

Татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак ва иштирок дар татбиқи Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқи кӯдак, таъмини кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон тавассути баррасии муроҷиатҳо оид ба поймолкунии ҳуқуқи кӯдак, ҳифз вазифаҳо муайян шудаанд.

Айни замон мо дар доираи ваколатҳоямон чорабиниҳоеро анҷом дода истодаем, ки ба ҳалли бисёр масъалаҳо нигаронида шудаанд.

Пеш аз ҳама, масъалаи асосии рӯзномаи мо ҳифзи кӯдак на танҳо аз зӯроварии ҷисмонӣ, равонӣ, ҷинсӣ, балки аз шаклҳои беэътиноӣ (яъне қонеъ накардани талаботи ҷисмонӣ, моддӣ, равонӣ, иҷтимоӣ ва ғайра) мебошад.

Дар ин ҷо ҳадаф аз зулм ва зӯроварии мухталиф нисбат ба кӯдак на танҳо аз ҷониби наздикони кӯдак, балки масъулини муассисаҳои таълимӣ низ аз байн бурда мешавад.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти мо мониторинги сатҳи ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон, шароити зиндагӣ, таҳсил ва саломатии онҳо дар муассисаҳое мебошад, ки кӯдакон мустақилона аз онҳо баромада наметавонанд.

Яъне, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар муассисаҳои таълимӣ, тарбиявӣ, тиббӣ, ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ ва муассисаҳои ислоҳӣ, марказҳои кумаки иҷтимоӣ-ҳуқуқии ноболиғон ва муассисаҳои таълимии махсусгардонидашуда, ки кӯдак бо хоҳиши худ аз онҳо баромада наметавонад, мунтазам мониторинг мегузаронад.

Аз ҷумла, дар давоми моҳҳои январ-октябри соли 2024 Омбудсмани кӯдакон ба чунин муассисаҳо зиёда аз 50 маротиба мониторинг анҷом дод.

– Таъмини имкониятҳои истифодабарии кӯдакон аз суди одил чӣ гуна ба роҳ монда шудааст?

– Аз соли 2016 сар карда, дар Ӯзбекистон қонунгузории миллӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқ ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонида шуда, барои дастрасии кӯдакон ба суди одил имконият фароҳам оварда мешавад.

Дар баробари ин бояд ба назар гирифт, ки ба фарқ аз калонсолон, кӯдакон дар мавриди талаб кардани ҳимояи ҳуқуқ ва риояи манфиатҳои қонунии худ сустӣ зоҳир мекунанд.

Муҳим аст, ки кӯдак ба кумаки муассири ҳуқуқӣ, намояндагӣ ва хидматрасонии дастгирӣ дар мурофиаҳои судӣ, хоҳ ҷиноятӣ, хоҳ гражданӣ ва хоҳ аз тариқи дигар дастрасии комил дошта бошад. Яъне ҳамкории зичи мақомоти адлия бо системаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, тандурустӣ ва маориф тахассуси минбаъдаи кадрҳо ва мутахассисони махсуси кор бо кӯдаконро талаб мекунад.

Дар айни ҳол дар самти мазкур оид ба ташаккул додани салоҳияти мутахассисон ва такмили ихтисос пайваста корҳо анҷом дода мешаванд.

– Бо мурочиатҳое, ки ба котиботи омбудсмани кӯдакон мерасанд, кор чӣ гуна сурат мегирад?

– Самти асосии фаъолияти омбудсмани кӯдакон омӯхтани мурофиаҳои шаҳрвандон мебошад. Мурочиатҳо на танҳо аз падар ё модар, хешовандони наздики кӯдак, балки аз худи ноболиғон низ меоянд. Аз ҷумла, духтарони ноболиғ қурбони хушунати хонаводагӣ, волидайн ё умуман афроди сеюм мешаванд ва писарони ноболиғ аз сӯи дигар хонандагони мактабҳо мавриди тазйиқ қарор мегиранд.

Аз ҷумла, дар 9 моҳи соли ҷорӣ ба котиботи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла кӯдакон ва намояндагони қонунии онҳо вобаста ба нақзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдакон дар маҷмӯъ беш аз 800 мурочиат ворид шудааст. Аз рӯи механизми кор бо мурочиатҳо мо бо масъулин барои ҳар як ҳолат суроғаи алоҳида кор карда, дар ҳолати зарурӣ вазъро дар ҷои худ меомӯзем.

Мо дар баррасии ҳар як мурочиат ба манфиатҳои бехтарини кӯдакон такя мекунем. Охир, мақсади ягонаи тамоми ҷидду ҷаҳди мо аз он иборат аст, ки ҳар як шаҳрванди хурдсоли мамлакатамон, ҳар як кӯдак аз тамоми ҳуқуқу имкониятҳое, ки Конститутсия ва қонунҳо кафолат додаанд, баробар ва пурра истифода баранд.

Суҳбатоторо
Абдулазиз РУСТАМОВ,
мухбири ӮзА.

БА КИШВАРИ ОСОИШТА ҶАШНҲО МЕЗЕБАД

Дар Нукус ба муносибати 11 ноябр – Рӯзи иттифоқҳои касаба аз ҷониби Шӯрои Федератсияи иттифоқҳои касабаи Қароқалпоқистон таҳти шиори «Барои шаъну шарафи инсон, барои саодати мамлакат!» бо иштироки собиқадорони меҳнат ва фаъолони иттифоқҳои касаба чорабинии идона барпо гардид.

Дар чорабинӣ аз ҷониби Шӯрои Федератсияи иттифоқҳои касабаи Қароқалпоқистон корҳои дар моҳҳои гузаштаи соли 2024 анҷом додашуда ҷамъбаст карда шуданд.

Дар чорабинӣ аз ҷониби Ҷоқарги Кенгеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон як қатор фаъолон бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардонда шуданд.

Инчунин, ба муносибати ид ба як қатор кормандон ва собиқадорони меҳнат барои саҳмгузорӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишварамон ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои меҳнаткашон ва барқарор намудани саломатии онҳо, инкишоф додани маданият ва спорт, фаъолиашон дар фаъолияти иттифоқҳои касаба ифтихорнома ва тӯҳфаҳои хотиравӣ супорида шуд.

– Ин гуна идҳо ба мамлакати осоишта мезебанд, — мегӯяд собиқадори меҳнат Х. Ермагамбетов. – Бо ташаббуси Президентамон дар тамоми мамлакатамон Рӯзи иттифоқҳои касаба васеъ қайд карда мешавад. Имрӯз иттифоқҳои касаба ба системае табдил ёфтаанд, ки ба таври ҳаққонӣ ба бовории халқ сазовор мегарданд. Бар замми ин, сохтори нави дар Ӯзбекистони Нав ташаккулёфта худашро пурра сафед мекунад.

Чорабинӣ бо барномаи консертӣ дар иҷрои ҳунармандон идома ёфт.



Довуд АБИБУЛЛОЕВ,
мухбири ӮзА.

Дар шаҳри Ширин таҳти мавзӯи «Вазифаҳои таъхирнопазири «ҳафтгонаи маҳалла» бобати ба сохтори мустақилу халқпарвар ва иҷрокунандаи вазифаи пули байни халқу давлат табдил додани маҳалла» семинари амалӣ баргузор гардид.

ВАЗИФАҲОИ «ҲАФТГОНАИ МАҲАЛЛА» МУҲОКИМА ГАРДИД

Дар семинар, ки бо ҳамкории Садорати вилоятии Иттиҳодияи маҳаллаҳо ва ҳокимияти шаҳри Ширин ташкил гардид, ҳокими вилояти Сирдарё Акмалҷон Маҳмудалиев низ иштирок ва дар бораи ташкили босамари фаъолияти «ҳафтгонаи маҳалла», пурзӯрсозии нақши онҳо дар ҳаёти маҳалла ва масъалаҳои дигар ҳарф зад.

Зикр гашт, ки на танҳо дар Ширин, балки дар тамоми ноҳияҳои вилоят таъмини шуғли аҳолӣ, афзунсозии даромади онҳо, оммавигардонии таҷрибаи «Сайҳунобод», «Уйчи», «Зарбдор», «Фиждувон», пешниҳоди 5 бастаи лоиҳаҳои гуногун ба хонаводаҳои камдаромад, беҳсозии фаъолияти бонкҳо, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва таъмини муҳити бехатар, пешгирии ба вазъи душвори иҷтимоӣ афтодани шаҳрвандон, пурмазмун ташкил намудани вақти холии ҷавонон, тарғиби тамоюлҳои «Оилаи солим – ҷомеаи солим» ва беҳтар намудани саломатии репродуктивӣ аз масъалаҳои муҳиму таъхирнопазир ба шумор мераванд.

Дар идома мувофиқи дастури Сарвари давлатамон сохтмони бинои ширкати маҳалласервисии «Нуробод», ки ба аҳолӣ 23 намуди хидматҳои пулакиро мерасонад, оғоз гардид. Қариб дар як гектар майдон бо иштироки масъулони Садорати вилоятии Иттиҳодияи маҳаллаҳо, шуъбаҳои шаҳриву ноҳиявии он, «ҳафтгонаи маҳалла»-ҳо беш аз 2 ҳазор бех ниҳоли дарахтони манзаравӣ шинонданд. Инчунин, корҳоеро, ки тибқи барномаи «Аз камбизоатӣ то некуаҳволӣ» иҷро мегарданд, дар мисоли хонаводаҳои маҳаллаи Нуробод омӯхтанд.

Аз рӯйи масъалаҳои муҳокимашуда нақшаи корҳои оянда муайян гардида, ба иштирокдорон супоришҳои мушаххас дода шуд.

Ғулом ПРИМОВ,
мухбири ӮзА.

Озмуни ҷумҳуриявии «Китобхони ҷавон», ки аз соли 2017 ин ҷониб ба таври анъанавӣ баргузор мегардад, барои китобхонҳои ҷавон имкониятҳои васеъ фароҳам оварда, сол то сол маҳбубияти бештар пайдо мекунад.

КИТОБ ХОНЕДУ СОҲИБИ ЭЛЕКТРОМОБИЛ ШАВЕД!

Дар ин озмун, ки бо мақсади баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, такмили захираи луғавӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ миёни ҷавонону наврасон доир мегардад, то ҳол қариб 4,5 миллион нафар ҷавонон иштирок карда, аз онҳо 20 нафар соҳиби «Тӯҳфаи Президент» – автомобилҳои сабукрав гардиданд.

– Мувофиқи Низом «Дар бораи тартиби ташкил ва гузаронидани озмуни «Китобхони ҷавон» ин озмун дар панҷ давр – маҳалла, сектор, ноҳия, минтақа ва ҷумҳурӣ гузаронида мешавад, – гуфт сармутахассиси шуъбаи баланд бардоштани маънавият ва ташкили бомазмуни вақти холии ҷавонони Агентии кор бо ҷавонони Ӯзбекистон Қандил Бобоқулов. – Дар озмун онҳое, ки тавассути боти телеграмми @yosh-kitobxon_bot сабти ном шудаанд, дар се тоифаи синнусолӣ – 10-14-сола, 15-19 ва аз 20 то 30 иштирок мекунанд. Инак, аз 30 октябр дар гӯшаву канори мамлакат даври аввалини озмун дар маҳаллаҳо оғоз гардид ва ҳоло идома дорад. Дар ин марҳила ба иштирокдорон аз рӯйи асарҳои илмиву оммавӣ, дурдонаҳои адабиёти ӯзбек ва ҷаҳон, рӯзгор ва осори бузургони илму адаб 25 тест тақдим гардида, аз ҳар тоифаи синнусолӣ як нафарӣ, ҷамъ се нафаре, ки холи бештар ҷамъ кардаанд, ба даври дувум роҳхат мегиранд. Дар даври дуюм низ ғолибон дар асоси санҷишҳо (25-то) муайян гардида, сенафарӣ – ҷамъ нӯҳ нафар китобхонҳои пешсаф ҳуқуқи ширкатро дар марҳилаи сеюм ба даст меоранд.

Мавсуф зикр намуд, ки дар даври сеюм, яъне марҳилаи шаҳриву ноҳиявии озмун китобхонҳо аз рӯйи шарти «Саволу ҷавоби тезкор» рақобат мекунанд. Дар ин шарт иштирокдорон ба 4 саволе, ки дар асоси номгӯи адабиётҳои аз ҷониби Комиссияи коршиносон тавсияшуда омода гардидаанд, дар ду дақиқа бояд ҷавоб диҳанд. Саволҳоро тавассути интихоби билет мегиранд ва барои омодагӣ вақт дода намешавад. Дар ин давр аз ҳар тоифаи синнусолӣ як китобхон, ҷамъ се нафаре, ки аз 100 холи ниҳоӣ, балли бештар ҷамъ кардаанд, ба даври чорум роҳхат мегиранд. Дар даври чорум – марҳилаи минтақавӣ бошад, се нафаре, ки аз рӯйи ду шарт – «Заковатманди асарҳои бадеӣ» (шарҳу тавзеҳи мазмуну моҳият, ғоя ва аҳамияти китоб аз адабиёти ӯзбек ва ҷаҳон) ва «Саволу ҷавоби тезкор» (дарёфти ҷавоби 5 савол) холи баландтаринро дар тоифаи синну соли худ ба даст меоранд, ҳуқуқи иштирокро дар даври ниҳоӣ – ҷумҳурӣ соҳиб мешаванд.

Даври ниҳоии озмуни «Китобхони ҷавон» дар асоси шартҳои «Заковатманди асарҳои бадеӣ» (шарҳу тавзеҳи мазмуну моҳият, ғоя ва аҳамияти китоб аз адабиёти ӯзбек ва ҷаҳон), «Саволу ҷавоби тезкор» (дарёфти ҷавоби 5 савол), «Мутафаккир ва адиби бузург»(баёни маълумот дар бораи ҳаёт, фаъолият ва эҷоди мутафаккирон, намояндагони бузурги адабиёти ӯзбек ва ҷаҳон), «Шеърият» (давом додани порчаи шеърӣ ва шарҳи мазмуну моҳияти он) ва «Квест»(ҳалли муаммо ва вазифаҳои мантиқӣ, ки дар асоси адабиёти тавсияшуда таҳия шудаанд) доир мегардад. Ҳар як шарт аз рӯйи 100 хол баҳогузорӣ мешавад.

Қандил Бобоқулов роҷеъ ба дигаргуниҳо дар низоми озмун маълумот дода, таъкид кард, ки пештар шарти панҷуми даври ниҳоӣ «Иншо навиштан» буд ва иштирокдорон дар он яке аз мавзӯъҳоро бо роҳи интихоби билет гирифта, фикри худро дар доираи мавзӯъ ба таври хаттӣ менавиштанд. Акнун китобхонҳо аз рӯйи шарти «Квест» дониши худро санҷида, дар давоми 60 дақиқа ба муаммо ва вазифаҳои мантиқӣ ҷавоб медиҳанд.

Илова бар ин, дар асоси пешниҳоду дархости китобхонҳо рӯйхати адабиёти тавсияшаванда дар синни 10-14-сола аз 50 ба 40, дар синни 15-19 аз 60 ба 50, дар синни 20-30 аз 70 ба 50 адад кам гардид. Ҳамзамон, дар тоифаи синну соли 10-14-сола рӯзнома ва маҷаллаҳоро аз рӯйхат баровардаанд.

– Боз яке аз имкониятҳои мусоид, ки барои ҷавонон фароҳам оварда шуд, гунаи электронии тамоми китобҳое, ки аз ҷониби Комиссияи коршиносон барои озмун тавсия шудаанд, дар иловаи мобилии «Мутолиа» ҷойгир карда шуд, – иброз дошт Қандил Бобоқулов. – Яъне акнун китобхонҳо метавонанд аз ин илова китоби дилхоҳи худро дастрас намуда, хонанд. Бояд гуфт, ки тӯли солҳои 2021-2022 ба ғолибони озмуни «Китобхони ҷавон» сабуқрави «Spark», соли 2023 мошини «Cobalt» тӯҳфа карда шуд. Аз имсол ба ҷоизадорони ҷойи якум ҳамчун «Тӯҳфаи Президент» электромобил супорида мешавад. Ба китобхонҳое, ки ҷойи дувумро мегиранд, 75 миллион, ба соҳибони ҷойи сеюм 50 миллион ва ба ҳар як иштирокдори озмун 10 миллион сӯмӣ мукофоти пулӣ тақдим мегардад.

Фаридун ЙӮЛДОШЕВ,
мухбири «Овози тоҷик».

ҲАВОШИНОСИ ҶОЙДОРӢ

Ҳайитқул Худойқулов яке аз бошандагони деҳқадаи Кӯли ноҳияи Шаҳрисазб мебошад, ки ҳоло бознишастааст ва дар ҳалқаи набераҳо таноби умр мекашад.


Агар вазъи саломатии худро мӯътадил ёбад, ба корҳои хоҷагию оила кумак мерасонад. Аз ҳоли як миқдор моли реза, гову гӯсола, маркаби ҳамеша дар хидмати хонадон омода хабар мегирад. Дороии мардуми кӯҳистон ҳамин ҷонвараконанд. Вақти зарурат фурӯхтаву ягон мушкили рӯзгорро сабук мекунанд. Боз ҳар кадом як қитъа замин доранд, ки аз баракоташ рӯзгор обод месозанд. Акои Ҳайитқул гоҳ-гоҳ айвони баландро фаромада, ба мазраъ қадам мениҳад ва қалби бағароҳаташ саршор аз эҳсоси ниҳоне ба сатҳи боғи дарахтзор менигарад. Ин боғ гуна-гуна дарахтонро соҳиб аст, ки аксари онҳоро қиблагоҳаш, инсони дар меҳнат беҳамто ва дар саховат беназир – Пиримқул Худойқулов сабз кардаву чун мерос ба дасти ӯ супоридааст.

«Боғи падар...» – фавран аз дил мегузаронад ӯ ва ҳамон лаҳза ба гӯшаш садои падар омада, лаҳзае ин марди кайҳо айёми лоуболии ҷавонӣ ба дасти абадият супоридаву кунун дар гашти умр қарордоштаро ба риққат меорад. Симои гарми қиблагоҳ дар пеши назар пой ба рӯи баргҳои хазон мегузорад, ки аз шохсорон – макони азалии худ ҷудо шуда, зери пояҳои бақуввати дарахтон афтода ва пояндози зарринро мемонданд. Амаки Ҳайитқул, достон дар пушт қулфу калид ва дар гӯш садои хиш-хиши нолиши баргҳои хазон, андешаманд боғи падарро давр мезанад. Падари ӯ соли 2005 дар 97 солагӣ ба олами ҷовидон пайваст, аммо модараш зани дар ҳусн беҳамтои аҷаб меҳрубону дидадаро – Қиматой андаке пештар аз падараш ба ҷавори Ҳақ пайваста буд. Ин ҷудоиҳо дар қалби писари ягонаи хонадон ҷароҳати хоное гузоштанд ва ҳоло гаҳу ногаҳ дар ҳар наҳва ба сӯзиш омадаву чашмонашро аз ашк пур мекунанд.

«Одам гашти умр бештар дар олами парниёнии хотираҳо зиста, гоҳе аз ёди замони ҷавониҳо шод гардад, гоҳе аз ёди азизони фавтида бас ғуссаҳо мехӯрдааст. Баъзан пушаймон ҳам мешудааст, ки чаро дар зиндаҳолӣ дидорашонро ба серӣ надид, аз суҳбаташон бештар баҳравар нагашт...» – оҳ кашид амаки Ҳайитқул ва дубора ба вусъати боғи васеъ нигариста, аз лавҳи хаёл гузаронд, ки шасту чаҳор сол ин ҷониб гармиву сардиҳои ҳаётро мечашад...

Дар кишвари Афғонистони ҳамҷавор ҷангҳои хунине сар зада буданд ва оташи ин ҷанги хонумонсӯз ногузир хушку тарро аксон аз гулӯ мегузаронд. Ҳайитқулро ба ин набардҳо ҷалб намуданд. Вай пули пантонии муваққатиеро, ки ду соҳиби Омуро ба ҳам васл месохт, ҳимоят мекард. Соли 1982 аскарбачаи обутобёфта сарбаланд ба деҳа баргаштаву то соли 1986 дар сафи коргарони ҷамоаи давлатии ба номи Карл Маркс ба кор оғоз кард. Аммо ин ҷавони серғайратро як орзу ором намегузошт. Вай хеле мехост, ки ихтисоси ҳавошиносиро фаро гирад. Ин орзу дар дили ӯ хеле пештар, замони мактабхонӣ ҷой гирифта буд: як гурӯҳ бачаҳои деҳа мунтазам бузу гӯсфандони оиларо ба чаро мебурданд. Дар паноҳи кӯҳсорони дур аз деҳа бунгоҳи барфу тармашиносии пиряхи Севертсов мавқеъ дошт. Ин бунгоҳ соли 1959 сохта шуда, аз Маскав идора мешуд. Ҳайитқул дар ҳамин атроф рама чаронидаву ба шуғли коргарон мутаваҷҷеҳ мешуд. Азбаски роҳи мошингарди чаҳор фасли сол фаъол вуҷуд надошт, ба ин самт зудзуд чархболҳо парвозкунон меомаданд ва аз ҳоли кормандон огоҳ мешуданд. Аз ҳамон айём орзуи ҳавошинос шудан дар дили Ҳайитқул маъво гирифт. Соли 1986 дар шаҳри Тошканд курси семоҳаи омодасозии кормандони соҳаи гидрометеорологии назди Донишкадаи илмию тадқиқотии Осиёи Миёнаро бо баҳои аъло хатм намуд. Акнун ӯ соҳиби ихтисоси ҳавошиносӣ ва радиооператорӣ гашта буд. Вай соли 1987 ба бунгоҳи барфу тармашиносии пиряхи Севертсов омад ва корро ба ҳайси корманди техникӣ оғоз кард. Ҳайитқул аз аввалин мутахассисоне ба шумор мерафт, ки аз байни аҳолии маҳаллӣ сабзида буд. Бунгоҳ аз Кӯл – ягона мавзеи ободу бошишгоҳи одамон дар 15 километр ва аз сатҳи баҳр дар баландии 2770 метр мавқеъ дошт. Истгоҳ 6-7 кормандро соҳиб буд.

– Дар ин ҷо таҷҳизоти ҳавошиносӣ насб шуда буданд. Онҳо «Барометр» ва «Барограф» буданд, ки яке фишори ҳаворо чен кунад, дигаре маълумоти дақиқро сабт менамуд. Ду асбоби дигар: яке «Термометр» ном дошт ва дуюмӣ «Термограф». Аввалӣ ҳарорати ҳаворо ташхис намояд, баъдӣ маълумоти бадастомадаро менавишт. Боз як таҷҳизот вуҷуд дошт, ки «М-61» мегуфтанд ва он самти шамол ва суръати онро дақиқ мекард, – ба ёд меорад Ҳайитқул ва як лаҳза ҳамон айёми дур пеши назари ӯ зинда мешаванд. Он замонаҳо кормандони бунгоҳи ҳавошиносӣ пайваста аз хидмати чархболҳо истифода мекарданд, ки баъдтар, вақте ки Ӯзбекистон ба истиқлол расид, ба далели адами маблағ ба чунин корҳо хотима дода шуданд.



Ҳайитқул Худойқулов пас аз се соли кор дар ин бунгоҳ аз шуғли ҳавошиносӣ канор рафт, зеро роҳи дуру пур аз хатари коргоҳ ба табъи ӯву аҳли оила созгор наомад. Бинобар ин ба деҳа баргаштаву ба ҳайси мудири мағоза кор кард. Вақте кишвари мо ба истиқлол расид, бо ташаббуси Ҳайитқул бунгоҳи ҳавошиносии пиряхи Севертсовро аз он ҷои дур ба пур аз таҳлука (баъзан ҳайвоноти ваҳшӣ, ба монанди хирсу палангҳои гурусна ҳуҷум карда, ба ҳаёти ҳавошиносон таҳдид мекарданд) ба деҳаи Кӯл интиқол доданд. Аз соли 1994 Ҳайитқул дубора ба шуғли дӯстдошти худ пардохт ва раҳбарии бунгоҳро бар зимма гирифт.

Амаки Ҳайитқул аз миёни дарахтони қатор гузаштаву сарнавишти гоҳе ба ғам ва гоҳе ба шодиҳо тавъами худро тасбеҳгардон карда, ноаён ба даргоҳи Парвардигор шукрона гуфт, ки пас аз як ҷарроҳӣ дубора ба пой рост шуд ва хурсанд ба оғуши гарми оила баргашт. Инак сайри боғи падарӣ мекунад ва аз ҳавои ҷонони тирамоҳон баҳравар мегардад, аз тамошои дарахтони тиллоранг роҳат мекунад. Албатта, дар ин боғи обод дарахтоне ҳам кам нестанд, ки худи амаки Ҳайитқул бадаста шинондаву басо заҳмат кашида, борвар кардааст. Ҳоло дар авҷи тирамоҳи заррин дарахтони боғи ӯ худро ба сад ранг омехта, басо дилрабо ва мафтункунанда ба назар мерасанд. Аммо аз вусъати ин ҷӯши рангҳо як ҳузни гароне хеста ба дили ғарқи эҳсосоти амаки Ҳайитқул фишор меоранд ва ба лаҳни худ ҳушдор медиҳанд, ки табиат дар остони як тағйироти куллӣ қарор дорад – зимистони ногузир дар роҳ!.. Ҳосили дарахтони себу чормағзро кайҳо чидаанд, акнун сабукборанд онҳо ва рӯ ба барфхонаҳои қуллаи Ҳазрати Султон овардаву мунтазири зимистони умранд.

Ҳоло бунгоҳи ҳавошиносиро писари амаки Ҳайитқул – Фаррух Худойқулов идора мекунад, ки хатмкардаи бахши ҷуғрофии Донишгоҳи давлатии Самарқанд аст. Дар бари ӯ боз панҷ ҷавони дигар машғули омӯзиши вазъи ҳавои минтақа мебошанд, ки аксари онҳо шогирдони бевоситаи Ҳайитқул Худойқулов ҳастанд. Вай аз он хурсанд аст, ки имрӯзҳо Маркази ҳавошиносии Кӯлро мутахассисони маҳаллӣ сару бар мекунанд ва аз ӯҳдаи ин кори хеле нозук сарбаландона мебароянд.

Шариф ХАЛИЛ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.

10-уми ноябр – Иди касбии шифокорон

САД СОЛИ ПУРШАРАФ

Имрӯзҳо ҷамоати байналмилал ва аҳлу тифоқи Иттиҳодияи тиббии шаҳри Самарқанд 100-солагии таъсисёбии он ва рӯзи ҳодимони тибро бо комёбиҳои назаррас пешвоз мегиранд.

Бо вуҷуди ҳукми тирамоҳи заррин ҳудуди иттиҳодия бо гулу буттаҳои шукуфону дилрабо, дарахтони ҳамешасабзи манзаравии худ диққатро ба худ мекашад. Дар миёнаҷойи ҳавлӣ аз чӯбу тахта айвони базеби миллӣ ва дар шафати он майдончаи варзишӣ бунёд кардаанд, ки корафтодагон ҳам истироҳат кунанду ҳам бо варзиш машғул шаванд.

Аз долону зинаҳо бӯйи накҳати гулҳои рангоранг ба машом мерасанд.

Яке аз духтаракони шуъбаи «Ба рӯйхатгирӣ» моро назди мудири он Абдураҳмон Расулов раҳнамоӣ кард.

– Дар мо ба тӯй бо тӯёна рафтан анъана шудааст, – аз мақсадамон огоҳ шуда гуфт Абдураҳмон Холкаримович. – Дар шифохона бо роҳбарии сардухтурамон Аҳмадҷон Султонбоевич ба 100-солагӣ тайёрӣ мебинем. Пас аз он, ки эшон роҳбар таъин гардиданд, корҳои ободонӣ, навоварӣ, аз ҳама муҳимаш, бо асбобҳои замонавӣ муҷаҳҳаз сохтани табобатхона хеле пеш рафтанд. Шояд аз ҳамин сабаб аст, ки барои ба дарди худ шифо ёфтан мизоҷон на танҳо аз мамлакатамон, ҳатто аз кишварҳои ҳамсоя ҳам меоянд. Инро аз навиштаҷоти дафтари «таклифу мулоҳизаҳо» низ метавон дарёфт.



Фатҳу кушоиш орад, дасти дуои модар...

Аҳмадҷон Бобоҷонов баъди ҳатми литсейи акademии Урганҷ дар дуроҳа монд. Устодонаш маслиҳат доданд, ки шомили факултаи риёзӣ шавад, ӯ бошад, таърихро дӯст медошт. Аммо баъди суҳбат бо модар масъала ранги дигар гирифт.

– Ҷони оча, – гуфт Дармоная Салоева, – оё дар ёд дорӣ, ки ҳангоми бачагӣ бемор шудиву дӯсти падарат Искандарамак табобат кард. Нияти ман ин ки мисли ӯ шифокор шавиву ба халқу Ватан хидмат кунӣ!

Аҳмадҷон бо дуои волидайн ҳуҷҷатҳояшро ба Донишкадаи давлатии тиббии Самарқанд супурд. Саводи хуб, ки дошт, шомили мактаби олӣ шуд. Вале дар мусофират хондан осон набуд. Бинобар ин, Аҳмадҷон шабона дар шифохонаи марказии шаҳри Самарқанд ба кор даромад. Барои ӯ имконият фаро расид, ки дониши назариявиро ба амалия пайваст намояд. Ин аст, ки донишкадаро бо дипломи имтиёзнок хатм карда, дар аспирантура монд ва таҳти роҳбарии профессор Баҳодур Собиров рисолаи номзадиро дифоъ намуд.

Роҳбарони вилоят истеъдоди ташкилотчигӣ ва ташаббускории ӯро ба инобат гирифта, сардухтури Иттиҳодияи тиббии шаҳри Самарқанд таъин карданд, ки беморхонаи марказӣ низ дар тасарруфи он буд. Ҳоло ин муассисаи табобатии шаҳр ба 586 ҳазору 200 нафар аҳолӣ хидмат мерасонад. Дар 23 муассисаи шифокорӣ тақрибан 5 ҳазор ходим, аз ҷумла, беш аз ҳазор шифокорон ва 2 ҳазору 688 ҳамшираҳо кор мекунанд. Иттиҳодия дорои 938 кати беморқабулкунӣ аст. Танҳо дар тӯли 9 моҳи ҳамин сол 38 ҳазору 636 нафар табобат гирифтанд.

Суҳбати гуворо...

Ба муносибати таҷлили 100-солагии табобатхонаи марказии шаҳр Аҳмадҷон Бобоҷонови ниҳоят серкору серташвиш ба чанд пурсиши мо посух дод.

– Солҳои охир бо дастгирӣ ва ташаббуси сарвари давлатамон ба соҳаи тиббиёт диққати алоҳида дода, сифати хидматрасонӣ ба аҳолӣ ба дараҷаи ҷаҳонӣ наздик мешавад, – гуфт Аҳмадҷон Бобоҷонов. – Масалан, чанде пеш сайёҳе аз Куриёи Ҷанубӣ, ки тиббаш дар дунё нуфузи баланд дорад, нобаҳангом ба шифохонаи мо омад ва ба дардаш даво ёфт. Вай қабл аз рафтан бо сипосгузорӣ изҳор намуд, ки дар шифохона сатҳи хидматрасонӣ аз хориҷа кам нест. Чунин фикру андешаҳоро аз шаҳрвандони Русия низ бисёр шунидем.

– Ба муносибати ҷашн чӣ гуна чорабиниҳо андешида шудаанд?

– Ният дорем китоби хотира чоп карда, дар он оид ба таърих ва шифокорони дирӯзу имрӯзи табобатгоҳ нақл намоем. Аз манбаъҳои гуногун медонем, ки пас аз ба Русия тобеъ шудан, соли 1870 дар яке аз мадрасаҳои Самарқанд шифохона ташкил кардаанд, ки 22 кати табобатӣ ва ду нафар фелдшер доштааст. Дар он замон губернатор назди шифокорон вазифа гузошта будааст, ки ба мардум хидмати бепул расонанд. Шифохонаи шаҳр соли 1924 ташкил ёфтааст. Он вақт дар тасарруфи табобатхона 4 шифокор, 3 доя, як ароба ва се асп будааст.

Солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ маҷрӯҳони армияи сурхро табобат мекардаанд.

Албатта, мо хидматҳои шоистаи собиқ сардухтурҳо Мӯсо Ҳаитов, Эркин Ҳамидов, Назира Нуруллохоҷаева, Шариф Гаппаров ва дигаронро фаромӯш нахоҳем кард.

Имрӯз ҳам дар муассиса табибони соҳибэҳтирому соҳибтаҷриба кам нестанд. Мо бо Зуҳриддин Камолов, Уйғун Сидиқов, Суръат Олимов, Ҳабибулло Муртазоев, Бактош Раҳматуллоев, Абдураҳмон Расулов, Абдулло Юсуфов, Олга Ёқубова ва дигарон барҳақ ифтихор дорем.

Собири БУРҲОН, муҳаррири калони бахши тоҷикии садою симои вилоят.
Зоҳир ҲАСАНЗОДА, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.
Аксбардор: Баҳодури ЗОҲИР.

Ба муносибати 300-солагии шоири бузурги туркман Махтумқулии Фироқӣ

МАХТУМҚУЛӢ – РИШТАИ ПАЙВАНДИ ХАЛҚҲОИ ЎЗБЕКУ ТУРКМАН

Махтумқулии Фироқӣ. Бо ин ном адабдӯстони тоҷик тавассути тарҷумаи шеърҳои мондагораш ошноянд. Аз шарҳи ҳоли хатмкардаи мадрасаҳои Хиваю Бухоро ва муътақиду дӯстдори ашъори дилангези Ҷалолуддини Румӣ – Махтумқулӣ пайдост, ки ӯ ба забонҳои арабӣ ва форсии тоҷикӣ балад будааст, аз ғазалҳои лисонулғайб Ҳофизи Шерозӣ ва дигар намояндагони илму адаби форсӣтоҷик баҳра бурдааст. Тахаллуси ӯ – Фироқӣ низ аз алоқамандиаш ба ин адабиёти ғанӣ гувоҳӣ медиҳад. Фироқӣ, ҳамчунин, ба осори Алишер Навоӣ дилбастагии зиёд дошт.

Шоири ориф Махтуқлии Фироқӣ соли 1724 дар деҳаи Ҳоҷиговшони назди дарёи Атрек дар оилаи шоир Давлатмамади Озодӣ дида ба дунё кушодааст. Вафоташ соли1807 дар Гулистони Эрон Дар ашъораш истилоҳҳои ирфонӣ ба мисли «хоки фано», «аҳли ҳол», «мулки фақр», «ёр», «соҳибҷамол», «дӯст», «зулф» зиёд ба чашм мерасанд, ки далели алоқамандии ӯ ба ирфон ва осори ирфонист.

Имсол таҳти роҳбарии созмони байналхалқии ЮНЕСКО халқҳои илму адабдӯсти ҷаҳон 300-солагии шоир ва мутафаккири бузургиро таҷлил менамоянд.

Чандест, ки бино ба қарори Президенти кишварамон Ш. Мирзиёев «Дар бораи васеъ ҷашн гирифтани 300-умин солгарди зодрӯзи шоир ва мутафаккири бузурги туркман Махтумқулии Фироқӣ» дар кишварамон чорабиниҳои гуногуни адабиву фарҳангӣ баргузор мешаванд. Аз ҷумла, «Осори мунтахаб»-и шоир хушсифат рӯйи чопро дид, киносозони ҷумҳурӣ бо иштироки актёрон ва коргардонҳои туркман филми бадеиеро бо номи «Махтумқулии Фироқӣ» ба навор гирифтанд. Ҳамчунин спектакле доир ба ҳаёт ва фаъолияти шоири бузург рӯйи саҳнаро дид. Дар толори марказии намоишгоҳҳои Академияи бадеии кишвар осори санъати тасвирие, ки робитаҳои дӯстӣ ва бародарии халқҳои ӯзбеку туркманро инъикос намудаанд, ба маъраз гузошта мешавад, дар муассисаҳои таълими оливу миёнаи махсус, касбу ҳунар, таълими ҳамагонӣ, қисмҳои ҳарбӣ, ҷамоаҳои меҳнатӣ ва маҳаллаҳо бо иштироки шоиру нависандагони шинохта ва олимон бахшида ба зодрӯзи шоир вохӯриву маҳфилҳои адабӣ баргузор мешаванд.

Ба қарибӣ дар Театри калони давлатии академии ба номи Алишер Навоии пойтахт бахшида ба ин санаи муҳим бо иштироки намояндагони сафорати Туркманистон дар Ӯзбекистон, вазорату идораҳои дахлдор, шоирону олимони саршинос, донишҷӯён, толибилмон ва алоқамандони каломи бадеъ гирдиҳамоии пуршукӯҳи адабию фарҳангие баргузор шуд.

Дар гирдиҳамоӣ Сафири томулихтиёри Туркманистон дар Ӯзбекистон Шадурди Мередов, аз ҷумла изҳор дошт, ки шоири ориф Махтумқулии Фироқӣ ба дӯстӣ ва бародарии халқҳо арҷ мегузошт. Дар ашъори мондагораш ғояҳои инсондӯстӣ ва башарпарвариро тараннум намудааст. Хеле сипосгузорам, ки тибқи қарордоди ЮНЕСКО дар кишвари ба мо дӯсту бародар – Ӯзбекистон низ 300-солагии Махтумқулӣ бо шукӯҳу шаҳомати ба худ хос ҷашн гирифта мешавад.

Раиси Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон Сирочиддин Саййид изҳор дошт, ки робитаҳои адабиву фарҳангии халқҳои ба ҳам дӯсту бародари Ӯзбекистону Туркманистон сол аз сол густариш меёбанд. Дар Ашқобод гузошта шудани пайкараи Алишер Навоӣ, номи Махтумқулиро гирифтани кӯчаву хиёбон ва муассисаҳои таълимӣ дар Ӯзбекистон ба таҳкими дӯстиву бародарии халқҳои мо хидмат мекунанд. Ба таъбири Президенти муҳтарамамон Ш. Мирзиёев Махтумқулӣ ҳар қадар, ки шоири туркман бошад, ба он андоза шоири ӯзбек низ маҳсуб мешавад. Нашри «Осори мунтахаб»-и Махтумқулӣ ба забони ӯзбекӣ дар ҳаёти адабӣ ва фарҳангии мо рӯйдоди муҳиме буд. Ин китоби пурбаҳоро дар Ашқобод ба Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳаммедов туҳфа кардани Саррвари мамлакатамон ҳодисаи масарратбахш буд.

Вазири маданияти Ӯзбекистон Озодбек Назарбеков гуфт, ки халқҳои туркману ӯзбек аз замонҳои қадим дар канори ҳам ба сар бурдаанд, забони якдигарро мефаҳманд. Сурудҳои Махтумқулӣ ба ҳар як хонадони ӯзбек ворид шудааст. Овозхонҳои саршиноси ӯзбек Комилҷон Отаниёзов, Фахриддин Умаров, Шералӣ Ҷӯраев, Камолидддин Раҳимов ва дигарон ба ашъори пандомез ва ҳикматбори Махтумқулии Фироқӣ таваҷҷуҳи зиёд доштанду доранд.

Хабари ба навор гирифта шудани филми бадеии «Махтумқулии Фироқӣ»-ро аҳли толор хуш қабул пазируфтанд. Раиси агентии кинематографияи кишвар Шуҳрат Ризаев ин хабарро расонд ва афзуд, ки филми бо ҳамкории актёру коргардонҳои туркману ӯзбек банаворигирифташуда рӯзҳои наздик ба маърази тамошо гузошта хоҳад шуд.

Дар охир савту суруди ҳунарпешагони ӯзбеку туркман, ба ашъори дилангези Махтумқулии Фироқӣ ва саҳнаҳои театрикунонидашудаи актёрони моҳир аз зиндагиномаи ӯ, хотири гирдиҳамомадагонро болида сохт.

А. СУБҲОНОВ, хабарнигори «Овози тоҷик».

Минбари донишҷӯ

ТУ БАРОЯМ ТОҶИ САР БОШӢ, ПАДАР!

Гар баҳор ояд, баҳори ман падар,
Навбаҳори гулнисори ман падар.
Қиблагоҳам, шаҳсутуни хонадон,
Қуввати дил ҳам мадори ман падар.

(Мадинаи ЭҲЁ)

Вақте сухан дар бораи фарди муътабар – падар меравад, дилҳо моломоли сурур шуда, вуҷудуи кас аз эҳсоси ширине лабрез мегардад. Худованд ҳам аввалин инсонеро, ки офаридааст, мард мебошад ва мувофиқи талқини ақидаҳои динӣ занро аз қабурғаи чапи ӯ ба вуҷуд овардааст, яъне аз ҳамон тараф, ки дил ҷой дорад. Ва ҳамин кори Худованд ҳам беҳикмат нест. Ин аст, ки занон-модарони хушторлеи мо ҳамеша дар дили ҳассос ва пур аз меҳри падарон маъво доранд. Боз ба як нукта, ба як хушкории Холиқи рӯзирасон таваҷҷуҳ мекунем ва мебинем, ки Вай тамоми пайғамбаронро аз байни падарон интихоб кардааст. Ин аз мавқеи волои онҳо шаҳодат медиҳад. Аммо ин ҷо боз ҳикмате нуҳуфта. Ҳарчанд кулли паёмбарон аз байни ҷинси мард мунтахаб шудаанд, Худованд ҷойгоҳи модаронро боз ҳам воло кардааст. Яъне, ин тоифаи дар меҳру муҳаббат ва садоқат беназирро масъул кардааст, ки абармардонро ба дунё ованд ва тарбият кунанд. Худи ҳамин фикр кифоят аст, то донем, ки падарон кистанд ва модарони мушфиқи мо чӣ мавқеъ доранд.

Вақте ки мо калимаи хушоҳанги «падар»-ро ба забон меорем, дар вуҷуди мо як ҳиссиёти аҷибе пайдо мешавад. Ин эҳсосоти нақшбро камина чунин хулоса кардам: хотирҷамъии рӯзгор, нотарсӣ, боварӣ, меҳр, такягоҳ ... Маҳз падарон ин гуна ҳиссиёти нақшбро ба мо фарзандон ҳадя карда метавонанд.

Ман падару модарро ба ду чашм монанд мекунам. Чунки инсонҳо фақат бо ду чашм имкони дунёро мукаммал дидану тавони шинохти сиёҳу сафеди онро доранд. Онҳо бо ҳамин ду дидаи равшан аз табиати зебои олам баҳраманд мешаванд. Агар аз падару модар яке дар ҳаёт набошад, ҳаёти мо мазмуни пурраи худро аз даст медиҳад. Аммо дар байни мо касоне ҳам кам нестанд, ки ҳар ду дидаи худ – падару модарро аз даст додаанд. Онҳо дар ҳаёт худро бемуттако ҳис мекунанд ва ҳамеша ба ёди он азизон ғам меҳӯранд, гӯё зиндагиашон аз фараҳ холӣ шуда бошад.

Бинобар ин, бисёр мехостам, ки фарзандон падару модарашонро ба мисли ду чашмашон эҳтиёт кунанд. Агар дар хонадон падару модар сиҳату саломат бошанд ва аз сари мо – фарзандон сояашон кам нагардад, зиндагиамон пур аз шодӣ мешавад ва хотирамон ҳамеша ҷамъ, рӯҳамон болида ва тавфиқ мудом ёрамон мегардад. Аз барои ризоияти падарону модарон сухани онҳоро ду накардан, ҳамеша дар хидмататашон қарор ёфтан, наранҷондан... қарзи фарзии фарзандон ҳисоб мешавад.

Мутаассифона, ҳастанд фарзандоне, ки азизони дил – падару модари дилбанди худро хору зор мекунанд ва ба кӯйи оворагӣ меафкананд. Ин сухани пурҳикмати халқӣ бесабаб пайдо нашудааст: «Фарзанди хуб боғи падар, фарзанди бад доғи падар».

Ин зумра фарзандон нисбат ба онҳо беҳурматиро раво мебинанд, бо суханҳои дағал дили нозукашонро меранҷонанд. Ҳатто аз ҷаҳли мураккаб онҳоро ба «Хонаи пиронсолон» супурда, аз бари худ дур мекунанд. Онҳо намедонанд, ки падару модарон ганҷи ноёбанд. Дар дунё касе ҷойи онҳоро гирифта наметавонад. Зиндагӣ дар канори падар ба фарзандон оромӣ, хурсандиву шодкомиҳоро ато менамояд. Фарзандон дар навбати худ болҳои бақуввати падару модари худ мегарданд ва нерӯи ин болҳо аз хушнудӣ, ризоият ва дуоҳои волидон маншаъ мегирад.

Ҳамсолони азиз, ман ҳам падари азизамро дӯст медорам ва меҳрномаи худро барояш дар мавлуди шарифаш армуғон карданиам. Ба қавли шоир:

Ҳамчу оташ шӯълавар бошӣ, падар,
Мисли хуршеди саҳар бошӣ, падар.
Бо ту бошад зиндагиям пурнишот,
Ту бароям тоҷи сар бошӣ, падар.

Зулбибӣ ИСКАНДАРОВА, донишҷӯйи курси 3-юми Донишгоҳи давлатии Тирмиз.



Воҳаи Сурхондарё бо меваҳои гуногуну хуштамъи худ машҳур мебошад. Махсусан, анори Шеробод на фақат дар ватанамон, балки дар кишварҳои хориҷӣ низ харидори худро дорад. Ба қарибӣ дар ин ноҳия, ки анорпарварӣ рушд намудааст, «Фестивали анор» баргузор гардид. Барои иштирок дар фестивали мазкур боғбонҳои воҳа дар майдони марказии ноҳия ҷамъ омаданд. Дар он навъҳои гуногуни анор ба намоиш гузошта шуданд. Баромади санъаткорон ва ҷамоаҳои фолклорӣ ба иштирокчиёни фестивал кайфияти идона бахшид.

Дар поёни чорабинӣ ғолибони номинатсияҳои «Бомазатарин шарбати анори 2024», «Беҳтарин навъи анор», «Калонтарин анори соли 2024», «Усули беҳтарини тозакунии анор» муайян гардида, аз ҷониби ташкилотҳо бо диплом ва туҳфаҳо сарфароз гардонда шуданд.

Дар сурат: *лавҳа аз фестивал.*

Суратгир: Ҷ. ҚЎЗИМУРОДОВ (ЎзА).

КИТОБҲО БАРОИ ХУРДСОЛОН

Дар кишвари мо дар доираи татбиқ намудани ғояи умумимиллии «Миллати китобдӯст», ки дар «Стратегияи тараққиёти Ӯзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026» ва қарори Девони Вазирон «Дар бораи барномаи миллии дастгирии рушди маданияти китобхонӣ дар солҳои 2020-2025» зикр шудааст, корҳои назаррас амалӣ мешаванд.



Иттиҳодияи журналистони Ӯзбекистон бо ҳамкории Агентии ахбор ва коммуникатсияҳои оммавӣ дар Китобхонаи миллии ба номи Алишери Навоӣ тақдимоти китобҳои бачагонаро, ки таҳти рукнҳои «Бачаҳои китобхон» ва «Даҳоёни дунё» нашр шудаанд, баргузор намуд.

– Солҳои охир дар кишварамон ба масъалаи баланд бардоштани маданияти китобхонӣ эътибори алоҳида дода мешавад,– таъкид намуд ҷонишини директори Агентии ахбор ва коммуникатсияҳои оммавӣ Дилшод Мадраҳимов. –Дар асоси самти чоруми панҷ ташаббуси муҳим, ки Президент Ш. Мирзиёев пеш гузоштааст, барои баланд бардоштани маънавияти ҷавонон, дар байни онҳо тарғиб намудани китобхонӣ, такмил додани салоҳияти интеллектуалии насли наврас як қатор корҳо амалӣ мегардданд. Зеро мавқеи китоб дар тарбияи авлоди баркамол, ки бо ҳисси ватандӯстӣ, садоқат ба Ватан зиндагӣ мекунанд, беқиёс аст. Аз ҷумла, Иттиҳоди журналистон бобати татбиқсозии ин самти муҳими ташаббус ҳиссаи калон мегузорад.

Дар озмуне, ки баҳри ба амал баровардани лоиҳаҳои дорои аҳамияти муҳими иҷтимоӣ аз ҷониби Бунёди ҷамоатии дастгирии созмонҳои ғайридавлатиюғайритиҷоратӣ ва дигар институтҳои ҷамъияти шаҳрвандии назди Олий Маҷлис ташкил шуда буд, иттиҳодия бо лоиҳаи «Баланд бардоштани маданияти китобхонӣ ба мақсади такмил додани тафаккур ва ҷаҳонбинии аҳолӣ, махсусан, насли наврас, ҳаматарафа баркамол ба воя расидани онҳо» ғолиб омад.

Аз рӯйи ин лоиҳа масъалаҳои чопи 10 номгӯй китоб барои бачагони хурдсол ва наврасон, созмон додани шакли аудиои онҳо, тақдими ин китобҳо ба муассисаҳои ахбору китобхонаҳо ба нақша гирифта шуданд. Дар ҳамкорӣ бо агентӣ рӯйхати адабиёти бачаҳо тасдиқ гардида, бинобар чопи онҳо бо нашриётҳо шартномаҳо ба имзо расиданд.

Таҳти рукни «Бачаҳои китобхон» – асарҳои Ориф Тӯхташ «Шалола», Абдураҳмон Акбар «Бачаи харбузаи сафед», Муҳаббат Йӯлдошева «Ҳаммоми парвозкунанда», маҷмӯи шеърҳои омӯзгорони фахрӣ «Аз дасти бачагӣ дошта» дар нашриёти «Ӯзбекистон» чоп шуданд.

Чопи китобҳоеро, ки таҳти рукни «Даҳоёни дунё» нашр мешаванд, аз ҷумла «Стив Жобе – шахсе, ки ба компутер ҷон ато кард», «Муҳаммад Алӣ муштзани машҳури ҳама замонҳо», «Леонардо да Винчи – соҳиби ақли баланд», «Мосарт – даҳои мусиқа», «Алберт Эйнштейн – даҳои ҳамадон»-ро нашриёти ҶММ «Asaxiy books» ба ӯҳда гирифтааст.

Баромадкунандагон оид ба аҳамияти китобҳои чопшудаи бачагона, ороиши онҳо, мувофиқати мазмуни шеърҳо ба синну соли хурдтаракон фикру андешаҳои худро иброз доштанд. Аз ҷумла, директори Китобхонаи миллии Ӯзбекистон ба номи Алишери Навоӣ Умеда Тешабоева чунин гуфт:

– Ин рӯзро дер интизор будем. Ин кори нек, яъне барои бачаҳо чоп кардани китоб оғоз ёфт ва он давом хоҳад кард. Бачаҳо аз хурдсолӣ бояд бо китоб унс гиранд. Ба созмондиҳандагони лоиҳа миннатдории худро изҳор менамоям.

Дар чорабинӣ ба Китобхонаи миллӣ, мудирони ахбору китобхонаҳо ва муассисаҳои таълимии ноҳияҳои пойтахт, хонаҳои меҳрубонӣ, мактаб-интернатҳо ва мактабҳои Президентӣ маҷмӯи китобҳо тақдим гардиданд.

Г. КАБИРОВА, хабарнигори «Овози тоҷик».

ОВОЗИ ТОҶИК

9 ноябри соли 2024 № 90 (15101)

10 ноябр – рӯзи таваллуди устод Ҷонибек Қувноқ

ҶОНФИДОИ МИЛЛАТ

Соле дигар гузашту умеди дигар гузашт,
Овоҳ, ки то шудем хабар, бехабар гузашт.
Тақвим монд чун қафасе холӣ аз ҳазор,
Умр аз миёна ҳамчу ҳазоре ба пар гузашт...

Рашиди ЁСИМӢ.

Агар зиндагии устод Ҷонибеки Қувноқ идома пайдо мекард, имрӯз ба зинаи ҳаштоду сеюми умр қадам мениҳод. Қиёфаи дӯстпазир, табассуми дилкаш, суҳбатҳои хотирнишини ӯ, инчунин хабари мудҳишу ҷонкоҳи фавташ, хусусан, имрӯзҳо ҳар лаҳза ёди моро банд медорад.

Хабари марги устод тамоми аҳли деҳро ба по хезонд. Хурду калон нола мекард. Порашт – зодгоҳи шоир мотам дошт. Оё метавон насӯхт бахри касе, ки солҳои сол фидокорона барои рушду камоли миллат, халқ, Ватан, фидокориҳо кардааст. Не! Ҳаргиз! Марг поёни ҳама чиз нест. Ҷонибек, чуноне ки дар дилу дидаи мо ҷой дошт, эҳтиромаш мекардем, ҳамчунон ҷой дорад, эҳтиромаш мекунем. Шоир фармудааст:

Ҳар некниҳод некият
медонад,
Саркардаи хайли ростон
мехонад.
То некию ростӣ дар олам
боқист,
Номи хуши ту вирди забон
мемонад.

Оре! Ту дар мағзи дили мой, Ҷонибеки азиз! Некному бузургӣ!

Соли 1990, 6 ноябр. Дар дафни Ҷонибеки Қувноқ ёру дӯстон, ҳамкорон – аз рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» ва намояндагони роҳбарияти ноҳия иштирок доштанд. Аз шаҳри Душанбе адибону рӯзноманигорон, устод Лоиқ, Гулназар, Саидалӣ Маъмур, Иноят Насриддин, Давлати Даврон ва Қироншоҳ Шарифзода барои тасаллият омаданд. Ҳангоми бозгашт аз қабристон дар хонаи омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик Абдумурод Назаров муддате таваққуф намуданд. Устод Лоиқ, ки аз ин талаф хеле ғамгин буд, бо афсӯс гуфт, ки «Мо ноябри соли оянда ба ҷашни 50-солагии Ҷонибеки азиз Порашт омадан мехостем. Зеро Ҷонибек фарзанди танҳо Порашт ё Ӯзбекистон нест, балки ӯ шоири тамоми мардуми тоҷик аст, гузашта аз ин, ӯ сафири фарҳанги Тоҷикистон дар Ӯзбекистон буд».

Ҷонибеки Қувноқ хидмат ба миллатро қарзи фарзандии хеш медонист, чуноне ки дар шеъраш овардааст:

Ман – бехсӯзи зиллат,
барбоддеҳи иллат,
Як ҷонфидои миллат,
бо ин нишон шиносед!

Шоир орзуву ниятҳои наҷиб дошт. Аммо ҳазор афсӯс! Ҷояш дар муҳити адабии тоҷикони Тошканду Бухорову Самарқанд холӣ монд. Ба ин муҳит ӯ дер омаду зуд рафт. Барқвор зист, равшанӣ афканд. Шогирдони арзандаю вафодораш чун Паймон, Абдулло Субҳон, Тоҷибой Икромов корашро давом дода, набудани ӯро маълум намекунанд.

Ёдномаи хешро бо порчае аз шеъри «Ба ёди устод Ҷонибек»-и Абдулло Субҳон ба поён мерасонам:

...Аз таппиш монд дилe
ду тақсим,
Шаҳпуле байни ду
соҳил бишкаст.
Тоҷик он сӯй ҳўрад
сад афсӯс,
Ӯзбек ин сӯй басо
ғамгин аст...

Собир ЭРГАШЕВ,
омӯзгори собиқадор
аз деҳаи Порашти
ноҳияи Фориш.

МАҚСАД – БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ТАЪЛИМ

Дар кишварамон солҳои охир чун дар дигар ҷабҳаҳо дар соҳаи таълим низ корҳои бузург амалӣ мегарданд. Мактабу кӯдакистонҳо сохта мешаванд. Мақом ва мавқеи муаллим дар ҷомеа муайян гардида, музди меҳнаташон низ зина ба зина меафзояд.
Дар арафаи Рӯзи муаллим ва мураббиён Президент Ш. Мирзиёев бо намояндагони соҳаи таълим оиди корҳои баанҷомрасонида ва вазифаҳои устувори соҳа: баланд бардоштани сифати таълим мулоқот анҷом дода буд. Суханронии саркори давлат тавассути ВАО дар байни ҷамоаҳои муассисаҳои таълими олӣ, умумӣ ва томактабӣ мавриди муҳокима қарор гирифт.
Дар ин хусус ва дигар мавзӯъҳо мо бо директори мактаби таълими ҳамагонии рақами 44-уми ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти Тошканд, Ходими хидматнишондодаи таълими халқи Ӯзбекистон, дорандаи ордени «Эл-юрт ҳурмати» Муллобой НОРМАТОВ суҳбат оростем.



– Ҷамоаи шумо навгониҳои соҳаи таълимро бо кадом рӯҳия пешвоз гирифтанд? Оиди таассуроти ҷамоа аз суханронии саркори кишвар бахшида ба Рӯзи муаллимон маълумот медодед.

– Даставвал, соли ҷорӣ ба имзо расидани Қонун «Дар бораи мақоми муаллим» барои мо – омӯзгорон рӯҳи қавӣ бахшид. Муаллимон аз ҳамаи корҳои хоҷагиву ҷамъиятӣ озод шуданд. Қонунро дар ҷамоа таҳлил намуда, бо мақому мавқуфиятҳо, ҳаққу ҳуқуқи педагогӣ аз наздик шинос шудем. Хуллас, имконият фароҳам оварда шуд, ки минбаъд мақсадро фақат ба сифати таълим ва тарбияи наврас равона созем.

Дувум ин, ки табрик ва мулоқоти Президент ба намояндагони соҳаи таълим ҷун дар дигар муассисаҳои таълимӣ дар ҷамоаи мо низ мавриди муҳокима қарор гирифт. Ба ин муносибат ҷамъомад ташкил карда, ба он намояндагони ҷамоати шаҳрвандӣ, муаллимони собиқи мактаб ва падару модаронро даъват намудем.

Аз ҷумла Ҷонишини директор оид ба корҳои маънавият ва маърифат Ҷӯрабой Назаров чунин гуфт:

– Мо суханони Президентро бо диққат шунидем. Эътиборе, ки имрӯзҳо ба соҳаи таълим дода мешавад, шоистаи таҳсин буда, боло бардоштани мақом ва ҳурмату эҳтиром ба муаллим айни муддаост. ...Ояндаи кишвар ба муаллимони шуҷоатманд, ки ба насли наврас таълиму тарбия медиҳанд, вобаста аст... Дар барпо намудани Ӯзбекистони Нав ба муаллимону мураббиён такя мекунем, – гуфтани саркори давлат ҳисси масъулияти моро дучанд гардонд. Мо ба боварии роҳбари кишварамон сазовор бошем ва минбаъд ҳам барои иҷрои вазифаву мақсадҳо аз сидқи дил меҳнат кунем.

– Мо насли куҳансол устодони худро то ҳол ба некӣ ёд меорем. Муаллим пешбари ҷамъият буду ҳаст. Бехуда намегӯянд: «Тарбияи кӯдак аз гаҳвора оғоз меёбад». Падару модарон бояд ба фарзандон эҳтиром кардани устод-муаллимро омӯзанд. Қарс аз ду даст, гуфтаанд. Дар илмасхудкунии фарзандонашон бо устодон ҳамкорӣ кунанд, – иброз дошт раиси кумитаи падару модарон, муовини имом-хатиби деҳа Абуалӣ Турсунбоев.

Муаллими ҷавони навовар Муҳайиё Шоимова низ гуфт:

– Вақте ки Президент муҳимтарин муассиса будани мактаб ва пуршараф будани касби омӯзгориро таъкид карданд, аз интихоби ин касби наҷиб хеле хушҳол гардидам. Ҳис кардам, ки саркори кишвар аз мо – муаллимон умеди калон доранд. Тасмим гирифтам, ки дониши андӯхтаамро ба насли наврас амиқтар меомӯзам. Минбаъд низ шогирдони худро ба озмунҳо омода месозам. То онҳо шахси фидокору меҳнатдӯст, ватанпарвар ва дорои дониши баланди замонавӣ гарданд.

Таъкид намудан ҷоиз аст, ки шогирдони ин муаллим дар озмунҳои ноҳиявию вилоятӣ сазовори ҷойҳои муносиб гардидаанд. Аз ҷумла, Хушрӯза Толибҷонова (синфи X) соли гузашта дар озмуни ноҳиявӣ ҷойи аввал, дар озмуни вилоятӣ ҷойи дуюмро ишғол намуд. Имсол низ Хушрӯза дар зинаи ноҳиявӣ соҳиби ҷойи якум гардид, Мадина Карнаухова бошад, ҷойи сеюмро ишғол намуд.

– Саркори давлат дар мулоқот бо намояндагони соҳаи таълим 7 самти баланд бардоштани сифати таълимро муҳим шумориданд. Таснифи онро дар мисоли мактабатон шарҳ медодед.

– Самти аввал ба такмили ихтисоси муаллим нигаронида шудааст. Мо ҳар сол муаллимонро мувофиқи нақшаи пешбинишуда ба семинар ё курси якҳафтаина (баъзан ба тариқи онлайн) барои такмили ихтисос мефиристем. Донишкадаи такмили ихтисоси муаллимони ҷумҳурӣ ба номи Абдулло Авлонӣ барои баланд бардоштани маҳорати касбии муаллимон масъул ҳисобида мешавад. Минбаъд бо он ҳамкорӣ мекунем. Дар мактаб байни муаллимон «Рӯзи рушди касб» ташкил карда хоҳад шуд, он пештар бо усули «дарси кушод» мегузашт. Бо ин васила омӯзгорон аз ҳамдигар таҷриба меомӯзанд.

Мувофиқи самти дуюм, ки ба дастгириву рағбатнокосзии фаъолияти омӯзгор нигаронида шудааст ва аз соли оянда ҷорӣ шудани намуди сертификати малака дар асоси стандартҳои байналхалқӣ, инчунин дар асоси он зиёд шудани маош аҳли ҷамоаро шод гардонд. Таъкид намудан ҷоиз аст, ки аз муаллимон Рузмат Эрматов (информатика), Атира Солиева (англисӣ) ва Манзура Ҷӯраева (забони русӣ) ба сертификати байналхалқӣ соҳиб мебошад. Дар оянда шумораи онҳо зиёд хоҳад шуд. Муаллимони мо то ҳол дар озмунҳои «Муаллими сол» иштирок карданд ва мекунанд.

Тандурустии ҷамоаи муаллимон ҳамеша дар мадди назар буда, соли гузашта ду нафарро ба сиҳатгоҳ ройгон фиристондем.

Самти сеюм, ба муносибати зиёд шудани аҳолӣ эҳтиёҷ ба сохтани бинои иловагӣ дар мактабу кӯдакистонҳо низ зиёд мегардад. Бинои нави мактаби мо соли 2005 бунёд гардида, барои 220 ҷой пешбинӣ шудааст. 18 нафар муаллимон ба 168 нафар донишандӯз таълиму тарбия медиҳанд. Аз 18 нафар омӯзгор 8 нафарашон зананд, 5 нафар омӯзгори дорои тоифаи олӣ, 4 нафар тоифаи якум, 4 нафар тоифаи дуюм ва 5 нафар мутахассисанд.

Барои таъмини сифат ва рақобат дар таълим дараҷаи рақамисозӣ баланд карда мешавад, гуфта шудааст дар самти чаҳоруми баланд бардоштани сифати таълим. Дар таълимгоҳи мо 2 синфи компутерӣ ва маҳфилҳои иловагӣ барои омӯзонидани компутер ба хонандагон хидмат мекунанд.

Мувофиқи самти панҷум, таҷрибаи мактабҳои президентӣ ва махсус паҳн гардида, низоми баҳогузории он ҷорӣ шавад, мо аз аввалинҳо шуда ин усулро дар амал татбиқ менамоем.

Барои муайян намудани ҷавонони боистеъдод, ки дар самти шашум оварда шудааст, дар мактаб корҳои назаррас ба амал баровардa мешаванд. Талабаҳои мо дар озмунҳои фаннӣ фаъолона иштирок мекунанд. Имсол 8 нафар дар озмуни фаннӣ иштирок намуданд. Аз онҳо 5 нафар аз фанни забон ва адабиёти тоҷик дар зинаи ноҳиявӣ иштирок намуданд. Дар ин зина шогирдони муаллими забон ва адабиёти тоҷик Ирода Эрматова хонандаи синфи XI Хушрӯя Хайриддинова ҷойи якум, хонандаи синфи IX Шабона Ҷӯрамбекова ҷойи дуюмро ишғол намуда, ба зинаи вилоятӣ роҳхат гирифтанд. Соли гузашта талабаи синфи X Хушрӯза Толибҷонова дар зинаи вилоятии озмуни фанни забони давлатӣ иштирок карда, ҷойи дуюмро ишғол намуд ва бо 1 миллиону 200 ҳазор сӯм пули рағбатмандкунӣ тақдир шуд. Шояд дар оянда донишандӯзони мо низ дар озмунҳои байналхалқии фаннӣ иштирок кунанд.

Дар озмуни «Китобхони ҷавон» Хушрӯз Мадраҳимов (хонандаи синфи VIII) дар ноҳия ҷойи аввалро ишғол намуд. Дар озмуни «Оилаи китобхон» – оилаи Юсуфаҳмадовҳо ғолиб дониста шуд.

Инчунин донишандӯзи мактабамон Хушрӯя Эргашева дар маҳфили шеърхонии «Гули рухсори чакома» иштирок карда, сазовори ҷойи муносиб гардид.

Мувофиқи самти ҳафтум: аҳли ҷамоа бо ҳамкории падару модарон ба масъалаи тарбия ва ахлоқ эътибори ҷиддӣ медиҳад. Баҳри ташаккули иммунитети ғоявӣ омӯзгорон ҳамеша бо шогирдон кор мебаранд. Аз телефон ва шабакаҳои иҷтимоӣ бамаврид истифода бурданро доимо таъкид мекунанд. Дар мактаб маҳфилҳои фаннӣ барои мустаҳкам намудани дониши талабагон хидмат менамояд.

Барои сиҳатии хонандагон ва фоиданок гузаронидани вақти холии онҳо озмунҳои варзишӣ баргузор мешавад. Дар он аҳолӣ, падару модарон низ иштирок мекунанд.

Хурсандиовар аст, ки мактаби мо дар солҳои хониши 2023-2024 аз рӯйи назорати таълиму тарбия ва дигар корҳои марбути соҳа дар рейтинги ноҳия ҷойи аввалро гирифт. Инчунин, 10 нафар хатмкунандаи соли хониши 2023/24 ба муассисаҳои таълими олии кишвар дохил шуданд.

Аз фурсат истифода бурда ходимони «Овози тоҷик»-ро ба 100-солагии рӯзномаи дӯстдоштаамон табрик гуфта, дар фаъолияти ояндаашон муваффақиятҳо орзумандам.

Суҳбаторо
Гулҷаҳон КАБИРОВА,
хабарнигори
«Овози тоҷик».

Вилояти ТОШКАНД.

Дар ҷевони китоб

ТУҲФА БА ТАШНАГОНИ ҚИССА



Қиссаи «Барнамегардад баҳор»-и адиби соҳибистеъдод, арбоби ҷамоатӣ, Нависандаи мардумии Ӯзбекистон Ӯткур Ҳошимов рӯйи чопро дид. Инак, ҳоло ҳамзабонони мо низ метавонанд аз ин китоб баҳраманд шаванд, ки аз ҷониби Насиба Зайниддинова ба тоҷикӣ тарҷума шуда, аз тариқи нашриёти «Tubo nashr»-и Тошканд чоп гардид.

Китоб аз ду фасл – яке қиссаи машҳури «Барнамегардад баҳор» ва якчанд ҳикояи дилнишини нависанда гирд оварда шудааст. Маҷмӯа дар мавзӯъҳои ишқу ошиқӣ, дӯстӣ, ватанпарварӣ, меҳру самимият, эҳтироми падару модар, гиромӣ доштани зан, тараннуми дӯстии халқҳо, панду ҳикмат ва ғайра бахшидаи нависандаро дарбар мегирад. Асарҳои ӯ хонандаро ба омӯхтани илму дониш ва саҳм гузоштан ба рушду равнақи Ватан даъват менамоянд.

Ӯткур Ҳошимов 72 сол умр дид. 24 майи соли 2013 аз олами ҳастӣ чашм пӯшид.

Дар қиссаи «Барнамегардад баҳор», ки ишқу муҳаббат, шодиву уқубатҳои он, орзуву армонҳои дилдодагон бо маҳорати баланд инъикос ёфтааст, барои хонанда таъсирбахш мебошад.

Бояд зикр кард, ки китоб бо ташаббуси Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони ҷумҳурӣ аз силсилаи «Нақҳати суҳан» зери таҳрири нависанда Юнуси Имомназар мураттаб гардидааст.

Далер АЗИЗОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик».

Гиромидошт

ШЕЪРҲОИ ШОИР БОҚИСТ

Дар Маркази мадании ноҳияи Чуст бо ташаббуси Маркази миллӣ-мадании тоҷикони вилоят, ҷамъияти «Нуронӣ», шуъбаи маънавият ва маърифат ва таълими халқи ноҳия бахшида ба 120-солагии зодрӯзи шоир Набихон Хӯҷаев – Чустӣ дар мавзӯи «Шеърҳои шоир боқӣ аст» чорабинӣ баргузор гардид.

Дар чорабинии маърифатӣ роҳбарони секторҳо, омӯзгорон, собиқадорони меҳнат, ҷавонони фаъол, фарзандон ва наздикони шоир, меҳмонон аз пойтахт иштирок намуданд. Аз тарафи аъзоёни маҳфили маркази бачагони эҷодкор «Баркамол авлод» намунаҳои маҳсулоти дастӣ, суратҳо, аз тарафи ҳунарманд Нурхон Бойбоева намудҳои зиёди токӣ, ки шоир дар ашъораш эътироф кардааст, намоиш дода шуд.

Тадбир бо иштироки санъатшинос, профессор Сойибҷон Бегматов, Ҳунарпешаи халқии Ӯзбекистон ва Тоҷикистон Матлуба Дадабоева, шоирон Минҳоҷиддин Мирзо ва Маъмура Зоҳидова пурфайзу бо мазмун гузашт. Ҳавасмандони мактабҳои 1, 64 ва 76-ум бо суруд ва рақсҳои дилнишин ба дили иштирокчиён ҳузур бахшиданд. Дар мактабҳои миёна, ки озмуни расм ва наввиштани иншо дар мавзӯи «Симои шоир дар тасвирҳо» ва «Шеърҳои шоир боқӣ аст» гузаронида шуда буд, ғолибони онҳо рағбатонида шуданд. Писари Чустӣ Бахтиёрхон Хӯҷаев ва ҳокими ноҳия Бахтиёр Салимҷонов ба ташкилотчиён ва иштирокчиён барои чорабинии пурмазмун ташаккур изҳор намуда, ба ғолибон ва иштирокчиёни фаъол ташаккурнома ва тӯҳфаҳо супориданд.

Шоҳида ДАМИНОВА,
мухбири «Овози тоҷик»
дар вилояти Намангон.

Публитсистика

НАФАСИ БОҒИ УНСИЯ ДАР БОҒҲОИ БА НОМИ НАВОӢ

Бузургмардони олами хиради мо, минҷумла, Ҷомию Навоӣ баробари бобаракат эҷод кардан ва ба шогирдон асрори суханварӣ омӯхтан боғдориву хуррамгардониро талқин месохтанд. Мактаби адабии онҳо дар боғи Унсия ҷой гирифта буд. Сабақҳои адабӣ дар оғуши ин боғи биҳиштосо бор меовард.

Дар сарчашмаҳо қайд шудааст, Ҳазрати Навоӣ заҳмати боғбонҳоро сазовор қадр менамуд. Навъе Нависандаи халқии Ӯзбекистон Исоҷон Султон нақл менамояд, вақте «Боғи ҷаҳоноро» дар Ҳирот мавриди истифода қарор дода мешуд, ҳазрат дар ҳузури боғбонҳои дасташон гул як ғазали дилангез қироат кард, кори бисёр савоб будани ниҳолнишониву боғпарвариро алоҳида таъкид намуд. Зимнан, Навоии бузург – сорбон ва бунёдгузори адабиёти туркизабон ва яке аз форсигӯйҳои беназир дар асри 15 боғбон ҳам буд – ба маънои ҳақиқӣ боғбониаш ва маҳсули меҳнати ӯ будани чанде аз гулгашту кӯчабоғҳои Ҳирот дар манбаъҳо зикр ёфтааст.

Шогирдоне, ки дар «Мактаби адабии Ҷомию Навоӣ» таълим гирифтанд, аз асрори боғбонӣ низ то андозае бохабар шуда ва дар кори боз ҳам хурраму сабз гардонидани диёрашон саҳм гузоштаанд.

Аз Ҷомию Навоӣ ибрат гирифта, баъдтар шоир, мутафаккир ва арбоби намоёни давлатӣ Мирзо Бобур дар шаҳри Кобул даҳ боғ бунёд кунонд. Яке аз онҳо «Боғи шаҳроро» ном дошт, ки нишонаҳояш ҳануз дар маркази Афғонистони имрӯз мавҷуд. Дар Ҳиндустон бошад, алъон яке аз масканҳои хушманзар «Боғи Бобурӣ» унвон гирифтааст.

Пайдост, аз ниёҳои мо, ки шайдои зебоиҳои табиат буданд ва дар иҳотаи дарахту буттаҳои гулафшон ҳайрат ва таассуроти худро ниҳон дошта натавониста, қалам ба даст мегирифтанд, баробари осор боғзорҳо низ мерос монданд. Он боғҳо насли имрӯзро водор месозанд ҳарчи бештар ниҳол нишонанд, анъанаи аҷдодро идома бахшанд.

Дар худнамоии гулу буттаҳо ва дарахтони боровару манзаравӣ, бешак, мӯъҷизае ҷилвагар аст. Ин гуна мӯъҷизоти табиирро ҳоло дар Хиёбони адибон низ дида метавонем, ки дар ҳудуди Боғи миллӣ доман густурдааст. Дар воқеъ, «Хиёбони адибон» дар партави қарори роҳбари давлат «Дар бораи чорабиниҳои боз ҳам такмил додани фаъолияти Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон» арзи ҳастӣ намуд, ки 5 апрели соли 2018 ба имзо расидааст. Худи ҳамон сол раиси ташкилоти адибони Тоҷикистон, шоири мардумӣ Низом Қосим дар суҳбат ба мо таассуроти худро аз Хиёбони адибон ба ҳам дида, иброз дошта буд ин маскани биҳиштосо, ки дар баробари нахҳати гулу гулзор бӯи шеър, бӯи сухан мекунад, нишонаи эътибор ва эҳтироми роҳбари давлати Ӯзбекистон нисбати эҷод ва аҳли қалами ин сарзамин мебошад.

Бале, имрӯз яке аз бузургтарин боғҳои истироҳатӣ дар мамлакати мо «Боғи миллӣ» дар пойтахт аст. Дар баландӣ ва яке аз гӯшаҳои ба назар намоёни боғ, дар иҳотаи долу дарахтони хурраму сабз ҳайкали муҳташами Навоии бузург қомат афрохтааст, ки маънои рамзӣ доштани он ба ҳамаамон аён.

Навъе огоҳем, бинобар абадӣ гардондани хотираи Навоӣ, корҳои бузург амалӣ шудааст. Чунончи, яке аз вилоятҳои ҷумҳуриамон ба номи бузургвор гузошта шудааст. Ба наздикӣ роҳбари давлат ба ҳамин вилоят ташриф оварда. Дар ҷамъомади васеъ аз рӯйи вазифаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят маърӯза намуд. Вай зимни суханронӣ таклиф намуд соли 2025 дар вилоят «Соли Алишери Навоӣ» эълон карда шавад. Дар доираи ин ташаббус амалӣ гардонидани чандин лоиҳаи маънавию маърифатӣ мавриди назар қарор гирифтааст. Чунончи, озмуни домонадоре баргузор хоҳад гашт, ки ба номи Президент алоқаманд аст, яъне ғолибон ба Мукофоти роҳбари давлати мо тақдиронида мешаванд. Мавзӯъ – «Дарк кардани ҳазрати Навоӣ – дарки худшиносии мо». Ба бознашри осори гаронмояи бузургвор ва боз ҳам бештар ба китобхонӣ ҷалб кардани насли ҷавон эътибори алоҳида нигаронида хоҳад шуд. Айни замон аз рӯйи китоб ва асарҳое, ки ба Навоӣ ва осори ӯ алоқаманданд, офаридани филмҳои бадеию ҳуҷҷатӣ ба нақша мавриди шудааст. Дар ҳар як маҳалла ва муассисоти таълимии вилоят, боргоҳҳои маърифат, айни замон дар ҷамоаҳои меҳнатӣ «Маҳфилҳои Навоихонӣ» баргузор мегарданд. Иштирокдорони фаъол рағбатонида мешаванд.

Тӯли чанд соли охир дар ҳудуди қаламрав ё худ паҳлӯи як қатор шаҳрҳои калони мамлакатамон боз шаҳрак ё ноҳияҳои нав ба бунёд омаданд, масалан, Тошканди Нав, Янги ҳаёт, Намангони Нав ва ҳоказо. Арзи вуҷуд сохтани «Навоии Нав» дар паҳлуи шаҳри Навоӣ, ки маркази маъмурии вилояти ҳамном аст, боз яке аз воқеаҳои хушнудкунанда қарор хоҳад гирифт. Қомат афрохтани боз як муҷассамаи шоир ва мутафаккири бузург, бо гулгашту хиёбон ва ниҳолу буттаҳои манзаравӣ печонда шудани атрофи он, айни замон, зуҳуроти ғамхории бузурги роҳбари давлат нисбати сухан ва суханвари нотакрор.

Роҳбари давлат дар саъйи он аст ба Навоишиносӣ ва таблиғи асарҳои ҷовидонаи ҳазрат такони тоза бахшад, вилояти Навоӣ ба бренди маънавии мамлакати мо табдил ёбад.

Тавре хабардорем, соли 2017 дар вилояти Андиҷон «Соли Бобур» эълон карда шуда буд. Бо шарофати он чӣ қадар корҳои васеъмиқёси маънавӣ рӯйи кор омаданд. Бобуршиносони дунё ё худ алоқамандони мероси маънавии ҳазрати Бобур дар олам аз чорабиниҳо ба дараҷаи баланд дигарбора итминон ҳосил карданд, ки Мирзо Бобур шаҳрати ҷаҳонӣ дорад. Президентамон мехоҳад таҷриба дар Андиҷонро дар шаҳри Навоиву «Навоии Нав» татбиқ созад.

Ҳамчунин ободонию хуррамсозиҳо дар вилояти Навоӣ мазмуни тоза касб менамоянд. Дар доираи лоиҳаи «Макони сабз» дар деҳот ва маркази ҳар шаҳру навоҳии вилоят ҳудудҳои сабз ва боғҳои нави истироҳатӣ бунёд ва онҳо «Навоӣ» номгузорӣ мешаванд.

Дар боғи «Ӯзбекистони Нав», айни замон, бахшида ба ҳаёт ва фаъолияти Навоӣ ташкил намудани осорхонаи илмӣ ба нақша гирифта шудааст.

Шаҳри Навоӣ яке аз ҷавонтарин шаҳрҳо дар мамлакатамон мебошад. Бо вуҷуди ҳамин чун яке аз марказҳои саноатӣ дар ҷумҳурӣ маълум ва машҳур аст. Диққати сайёҳони маҳалливу хориҷиро ба худ мекашад. Дар шаҳр намояндагони чанд миллат кору зиндагӣ мекунанд. Диққати сайёҳон ва зиёратгаронро баробари Хиёбони «Дӯстии халқҳо», Боғи истироҳатии ба номи Навоӣ ва масҷиде, ки номи бузургворро дорад, ибодатхонаи Сергей Радонежский низ ба худ ҷалб менамояд. Ҳунармандии миллӣ ривоҷ ёфтааст. Номи Навоиро дошгани шаҳр хусусан тавоҷуҳи хориҷиёнро аз Шарқи наздику дурро бедор менамояд. Шаҳрҳое, ки ба номи фарзандони арзандаи миллат гузошта шудаанд, дар дунё зиёд. Вале тавре ба назар мерасад маркази маъмурии вилояти ҳамном файз ва тароват дигар дошта, дигаргунсозиҳои бузург ва ормонҳои милливу фарҳангӣ, меъмории милливу замонавӣ дар бинову иншооти бошукӯҳ муҷассаманд. Шаҳр, ба маънае, ҳамон маскани обод ва аз боғу роғҳо саршор аст, ки Фарҳоди афсонавӣ – яке аз қаҳрамонҳои марказии достони «Фарҳод ва Ширин» ба худ орзу мекард.

Дар ҳудуди вилоят, ғолибан, ёдгориҳои қадимии меъморӣ низ зиёд. Яке аз онҳо масҷиди Деггарон дар деҳаи Ҳазора ҷой гирифтааст, ки онро ба асри XI нисбат медиҳанд. Ин масҷид, назар ба фикри муаррихон, яке аз қадимтарин намунаҳои маданияти ислом дар Ӯзбекистон мебошад.

Дар интиҳои сухан ҳаминро низ бояд гӯем, ки соли оянда дар вилояти Навоӣ эълон шудани «Соли Навоӣ» бошандагони мамлакатро низ водор месозад бори дигар асарҳои Навоиро варақ зананд. Ба шоири бузург боз наздиктар шуда ва бо идрок сохтани фармудаҳои вай худшиносии миллиашонро ташаккул бахшанд. Боғҳои истироҳатии ба номи Навоӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ, хусусан дар вилояту шаҳре, ки номи ӯро дорад, бовар дорем, ҳусну тароват дигар пайдо мекунанд, эҳсоси аҳли эҷодро ба туғён меоранд, дар тасаввури ворисони имрӯзаи Навоӣ нафаси боғи Унсия дар Ҳиротро ба машом расонда, ба офаридани асарҳои мондагор мусоидат месозанд.

Муҳаммадҷон ШОДӢ.

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1128.
Адади нашр 4190. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
Г. Кабирова.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 22.40

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.